НАШРИ “КУЛЛИЁТ”-И МИРЗО ТУРСУНЗОДА с. 9

ТОҶИКИСТОН АЗ ЎЗБЕКИСТОН БАРҚ МЕГИРАД с. 3

“ХАРБУЗА” БОЗ ХАРИДОР НАЁФТ с. 5

ТОҶИКИСТОН

№51 (1664), 17.12.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



БАХИЛӢ НАКУНЕД!

Нуктаҳои муҳим аз Паёми Президент



ДАР ИН ШУМОРА:

СММ
Ду қатъномаи Тоҷикистонро қабул кард с.2

ПАНЕЛҲОИ ОФТОБӢ
Воридоти он аз андоз озод шуд с.7

ҲАМАГӢ 4 НАФАР
Русия ба зодагони Тоҷикистон шаҳрвандӣ дод с.5

ФОҶЕА
Куштори кӯдаки тоҷик дар Русия с.11

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ
Асрори муваффақияти Роберт Киосаки с.7

БЕ ҲУЗУРИ ТОЛИБОН
Нишасти Теҳрон чӣ натиҷа медиҳад? с.4

ЗУКОМИ ҲОНКОНГ
Сокинони Тоҷикистонро азият медиҳад с.12

ВАРЗИШ
Нуқраву биринҷӣ аз Чемпионати ҷаҳон с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ
«БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92


› Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.

› Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.

› Сохтмон 3 сол идома меёбад.

› Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

БАХИЛӢ НАКУНЕД!

Нуктаҳои муҳим аз Паёми Президент



БА КОР ОҒОЗ НАМУДАНИ ЧАРХАИ СЕЮМИ НБО-И "РОҒУН, ВАЗЪИ ИЛМУ МАОРИФ, САҲМИ СОҲИБКОРОН ДАР РУШДИ КИШВАР, АФЗОИШИ МАОШУ НАФАҚА, ИДРОРПУЛӢ ВА НИГАРОНӢ АЗ ХУРОФОТЗАДАГИВУ САРУЛИБОСИ БЕГОНАИ ЗАНОН АЗ НУКТАҲОИ АСОСИИ ПАЁМИ ИМСОЛАИ САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ПАРЛУМОНИ КИШВАР БУДАНД. ҲАМЧУНИН, САРВАРИ ДАВЛАТ РУШДИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ СОЛИ 2025-РО НАТИҶАГИРӢ, БАРОИ СОЛИ 2026 НАҚШАРО МУАЙЯН КАРДА ВА БА ВАЗОРАТУ ИДОРАҲО ДАСТУРУ СУПОРИШҲО ДОД.

СОЛИ 2027 МАҲДУДИЯТИ БАРҚ ФАРОМӮШ МЕШАВАД!

Сабаби пеш омадани мушкили маҳдудияти барқ - ин афзоиши аҳолӣ ва зиёдшавии корхонаҳои саноатӣ, дар маҷмуъ афзудани истифодаи нерӯи барқ, камбориши ва кам гардидани воридшавии об ба НБО-и "Норак" буда, мушкили асосӣ талафоти аз ҳад зиёди нерӯи барқ аст.

***

Моҳи сентябри соли 2027 чархаи сеюми нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ба истифода дода мешавад. Баъди ин кишвар ба истиқлоли энергетикӣ мерасад.

***

Моро дуруст фаҳмед. Мову шумо аз ҳама рӯзҳои сахту сангин дар солҳои навадро гузаронидем. Як зимистони дигар дар пеш аст, зимистони соли 2026 сабуктар мешавад. Мо иқтидорҳои нав ба истифода медиҳем ва соли 2027 маҳдудияти баркро фаромӯш мекунем.

***

Насби ҳисобкунакҳои биллингӣ мушкили талафоти баркро аз байн хоҳад бурд.

МО ХУДАМОН МЕСОЗЕМ!

Рушди ҳама соҳаҳои кишвар ба рушди маориф вобаста аст ва маблағгузорӣ ба маорифро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам.

***

Дар 25 соли оянда шумораи хонандагон ба 4 млн мерасад. Бо ин мақсад, Ҳукумати мамлакат вазифадор мешавад, ки Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030-ро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, онро тибқи ҳадафҳои нав дар ин самт гузошташуда такмил диҳад.

***

ДАР СОЛИ 2026 БАРОИ СОҲАИ МАОРИФ АЗ ҲИСОБИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ҚАРИБ 14 МИЛЛИАРД СОМОНӢ ПЕШБИНӢ ГАРДИДААСТ, КИ НИСБАТ БА СОЛИ 2025-УМ 25,4 ФОИЗ ВА НИСБАТ БА ДАҲ СОЛИ ҚАБЛ, ЯЪНЕ СОЛИ 2015-УМ ПАНҶУНИМ БАРОБАР ЗИЁД АСТ.

(Давомаш дар саҳ. 8)

ТОҶИКИСТОН АЗ ЎЗБЕКИСТОН БАРҚ МЕХАРАД

Дар пайи буҳронӣ шудани таъминоти барқ Тоҷикистон ба хариди барқ аз Ӯзбекистон оғоз кардааст. Ҳоло аз ин кишвар ба Тоҷикистон дар як шабонарӯз то 2 млн кВт/соат барқ интиқол дода мешавад ва дар назар аст, ки он афзоиш ёбад. Дар ин бора аз Вазорати энергетика ва захираҳои об хабар медиҳанд.

Аз ин ниҳод гуфтанд, ки дар бораи интиқоли барқ аз Қазоқистон ва Туркманистон низ дар сатҳи вазирон тавофуқҳои пешакӣ ҳосил шудааст. Айни замон дар робита ба ҳаллу фасли масоили техникии марбут ба интиқоли барқ аз ин кишварҳо корҳо ҷараён доранд.

Тоҷикистон танҳо дар ҷанубу ғарби кишвар тариқи низоми энергетикии Ӯзбекистон (Хати интиқоли барқи 500 кВт "Регар-Гузар") роҳи баромад ба бозорҳои хориҷиро дорад. Барои таъмини транзити нерӯи барқи Туркманистон ва Қазоқистон бо назардошти иқтидори интиқоли системаи энергетикии Ӯзбекистон зарур аст.

Дар Вазорати энергетика изҳор доштанд, ки кори мувозӣ (параллелӣ)-и низоми энергетикии Тоҷикистон дар доираи Низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ки чунин масоилро бояд ба таври худкор ҳал мекард, пас аз пайвастшавии хатҳои шимолии ҷумҳурӣ ба "ҳалқаи энергетикӣ"-и минтақа роҳандозӣ мешавад.

Ҳамроҳшавии комили Тоҷикистон ба Низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ дар семоҳаи аввали соли 2026 дар назар аст.

Ёдовар мешавем, ки маҳдудият ё худ лимити истифодаи барқ дар Тоҷикистон аз даҳаи охири моҳи сентябр амал мекунад. Охири моҳи ноябр, вақте ки барои дастрасӣ ба нерӯи барқ маҳдудиятҳои иловагӣ ҷорӣ шуданд, вазъият ба таври назаррас душвортар шуд. Вале сокинон мегӯянд, ки ҳафтаи охир вазъи таъминоти барқ беҳбуд ёфтааст.

Дар Вазорати энергетика зикр карданд, ки ба беҳбуди вазъияти таъминот бо барқ обуҳавои боронии чанд рӯзи ахир низ мусоидат кард.

Манбаъ таъкид дошт, ки маҷрои дарёи Вахш, ки дар он нерӯгоҳҳои асосии барқи обии кишвар ҷойгиранд (7 нерӯгоҳ), ба таври назаррас зиёд шудааст.





СММ ДУ ҚАТЪНОМАИ ТОҶИКИСТОНРО ҚАБУЛ КАРД

Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ду қатъномаи Тоҷикистонро, ки яке дар бораи соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ эълон кардани соли 2027 ва дигаре дар бораи ҳифзи пиряхҳо ва яхкура буд, қабул кардааст.

Лоиҳаи қатъномаи "Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ - 2027", ки аз сӯйи Тоҷикистон пешниҳод гардида буд, рӯзи 12-уми декабр дар доираи Иҷлосияи 80-уми Маҷмаи умумии СММ бо иттифоқи оро қабул шудааст.

Ба иттилои Вазорати корҳои хориҷӣ, бар асоси санади мазкур, соли 2027 ҳамчун "Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ" эълон мегардад.

Бояд гуфт, пешниҳоди эълон кардани соли 2027 ҳамчун "Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ" моҳи сентябри соли ҷорӣ дар Иҷлосияи 80-уми Маҷмаи умумии СММ аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон, раисҷумҳури Тоҷикистон ироа гардида буд.

Раисҷумҳури Тоҷикистон аз "нодида гирифтан ва поймол шудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ" нигаронӣ карда, "ба зарурати риояи қатъии қонунҳои байналмилалӣ ва дар чаҳорчӯбаи қонун ҳаллу фасл намудани ҳама гуна низоъу ихтилоф" таъкид намуда буд.

Ҳамчунин, рӯзи 12-уми декабр дар шаҳри Найробии кишвари Кения дар ҳафтумин иҷлосияи Маҷмаи муҳити зисти Созмони Милали Муттаҳид қатънома дар бораи "Ҳифзи пиряхҳо ва яхкура (криосфера)" қабул шудааст.

Ин қатънома аз ҷониби Тоҷикистону Перу пешниҳод ва бо иттифоқи оро қабул гардида, аз ҳамаи давлатҳои узви СММ ва шарикони рушд даъват шудааст, то барои ҳифзи пиряхҳо, мубориза бо тағйирёбии иқлим, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷалби маблағҳои молиявӣ талошҳои худро тақвият бахшанд.

ФАВТИ 2 НАФАР АЗ МИНА

Соли равон 2 кас ва дар 33 соли охир (1992-2025) 351 сокини кишвар дар пайи таркиши минаҳо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ба ҳалокат расидаанд.

Дар ин бора Умед Мансуров, намояндаи ҳуқуқии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх хабар дод. Ӯ гуфт, ду тане, ки соли равон аз таркиши минаҳо ҷон доданд, яке кӯдаки 10-сола аз минтақаи Саридашти Дарвози ВМКБ ва дуюмӣ як масъули поксозии минаҳо ё сапёр будаанд. Ба иттилои манбаъ, аз соли 1992 то 2025 дар Тоҷикистон дар умум 892 кас аз тарикши минаҳо ҷон бохта ва ё маҷруҳ шудаанд - 351 ба ҳалокат расидаанд ва 541 ҷароҳат бардоштаанд.

КУШТА ШУДАНИ 67 РӮЗНОМАНИГОР

Давоми соли 2025 дар ҷаҳон 67 рӯзноманигоре, ки ба иҷрои рисолати касбии худ машғул буданд, кушта шуданд. Тавре дар гузориши "Рӯзноманигорони бидуни марз" (RSF) зикр мешавад, қисмати хеле назарраси ҳалокшудагон қурбониёни ҷанг ё шабакаҳои ҷиноятпеша шудаанд.

Дар гузориши ин созмон, ки рӯзи 9-уми декабр дар робита ба озодии матбуот нашр гардид, гуфта мешавад, ки аз 67 рӯзноманигори ҳалокшуда 53 нафар дар муноқишаҳои мусаллаҳона ё дар ҳодисаҳои марбут ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша кушта шудаанд. Аз ҷумла дар навори Ғазза 29 рӯзноманигор ҳалок шудаанд.

БУЗУРГДОШТИ ҚАҲРАМОНИ ТОҶИК ДАР МИНСК

Дар мактаби рақами 35-и Минск лавҳаи ёдгорӣ бахшида ба Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Домулло Азизов кушода шуд.

Азизов зодаи Тоҷикистон буда, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар озод кардани Беларус иштирок кардааст.

- Иштирокчиёни маросим дар назди лавҳаи ёдгорӣ гул гузошта, хотираи қаҳрамонро гиромӣ доштанд,- иттилоъ дод Кумитаи иҷроияи ИДМ.


САРИ САБЗ



Заринахон ҶУМЪАБОЕВА,
ҳаҷвнигор ва стендапер

- Дар Шоу "Дугонаҳо" ҳамаи саҳнаҳо сабт мешуд, дар пеши мухотабон бозии зинда надоштем. Дар лоиҳаи "Территория Юмора" ҳар моҳ ба саҳна баромада, дар пеши аудотирияи зинда нақш офариданро ёд гирифтам.

- Хуб, ки таҷриба шудааст. Паҳлуҳои заифи Шоу "Дугонаҳо"-ро фаҳмидагистед. Акнун, агар Шоу "Дугонаҳо" эҳё шавад, ё ягон лоиҳаи дигар созед, таҷрибаи "Территория Юмора"-ро ба назар мегиред.



Рустам ВАҲҲОБЗОДА,
Шоири халқии Тоҷикистон

- Бисёр хуб мешуд, агар мо як шабакаи телевизионии "Омӯзгор" дошта бошем, ки саҳми муҳиме аз он маҳсуси барномаҳои марбут ба озмунҳои мутолиотии умумимиллӣ, аз ҷумла "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" бошад.

- Идеяи олиҷаноб! Мешавад, ки чунин як шабакаи телевизионӣ дар назди рӯзномаи "Омӯзгор" таъсис дода шавад? Ё шумо худатон аллакай ягон нақшаи пешакӣ доред?



Фараҳнӯш НАЗАРОВА,
корманди самти IT
ва пухтупаз

- Пухтупаз маро ба сабр ва диққат ба ҷузъиёт омӯхта мекунонад. Агар дар лоиҳа камбудӣ бошад, ислоҳ мешавад. Аммо агар торт хушк шавад, шонси дувум танҳо дар қабати навбатист. Таом омӯхтани дақиққориро хеле хуб ёд медиҳад.

- Аммо агар қабати навбатии торт ҳам хушк шавад, шонсҳои дигарро аз куҷо дастрас кардан мумкин аст? Ба ин ҷузъ ҳам ҷиддӣ диққат медодед, хуб мешуд.

Трамп аз BBC 10 млрд доллар талаб кард

Доналд Трамп, президенти Амрико шабакаи хабарии BBC-ро ба далели танзими нодурусти қисме аз суханронии 6-уми январи соли 2021-и ӯ дар филми мустанади "Панорама" ба додгоҳ кашидааст.



Трамп ин расонаи британиёиро ба туҳмат ва вайрон кардани қонуни тиҷорати Флорида муттаҳам карда, барои ҳар як иддаои худ 5 миллиард доллар ва дар маҷмуъ 10 миллиард доллар аз BBC ҷуброн талаб кардааст.

Моҳи ноябр BBC барои танзими нодурусти суханронии Трамп аз ӯ узр хост, вале ин расона дархости раисҷумҳури Амрико барои пардохти ҷубронпулиро рад карда, гуфта буд, ӯ далеле надорад, ки нисбаташ туҳмат сурат гирифта бошад.

Дар пайи ҷанҷоли Трамп бо BBC, мудири умумии ин расона ва роҳбари бахши хабари он аз вазифаҳои худ истеъфо доданд.

AP

Генерал 14 сол равонаи зиндон шуд

Суди ҳарбии Покистон раиси пешини Созмони истихборотии ин кишвар-ро (ISI) бо чанд иттиҳом, аз ҷумла мудохила дар сиёсат ба 14 сол зиндон маҳкум кард. Генерал Файз Ҳамид давраи маҳкумияташро дар зиндони низомаш сахт сипарӣ хоҳад кард.



Артиши Покистон рӯзи 11-уми декабр эълон кард, ки Файз Ҳамид пас аз "раванди тӯлонӣ ва душвор", ба мудохила дар сиёсат, нақзи қонуни асрори расмӣ, сӯйистифода аз манбаъҳои давлатӣ ва ворид кардани хисороти ғайриқонунӣ ба афрод гунаҳкор шинохта шудааст.

Файз Ҳамид дар даврони нахуствазирии Имрон Хон, аз соли 2019 то 2021 раҳбарии ISI-ро бар уҳда дошт ва аз муттаҳидони наздики Имрон Хон ба шумор мерафт. Покистон чандин ниҳоди истихборотӣ дорад, аммо ISI қудратмандтарин ва бонуфузтарини онҳо аст.

Deutsche Welle



МУЛОҚОТИ ЗЕЛЕНСКИЙ БО ИМА БО ЧӢ АНҶОМИД?

Гуфтугӯҳо миёни Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина ва ҳайати музокиракунандаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Берлин, пойтахти Олмон сурат гирифт.

Ба гузориши Радиои Озодӣ, ду тараф рӯзи 14-уми декабр ҳудуди панҷ соат гуфтугӯ карданд, аммо ба натиҷаи рӯшане даст наёфтанд.

Дар ин гуфтугӯ Стив Виткофф, намояндаи вижаи президент Доналд Трамп барои Ховари Миёна ва шуморе дигар аз мақомҳои амрикоӣ ба намояндагӣ аз ИМА ҳузур доранд.

Ин гуфтугӯҳо сари тарҳи сулҳи 28-бандӣ баҳс мекунад, ки аз сӯи Амрико пешниҳод шуда буд. Тарҳе, ки Украина баъдан онро ба 20 модда коҳиш дод. Зеленский пеш аз мулоқоти панҷсоата ба хабарнигорон гуфт, ки Киев эҳтимол дар баробари дарёфти замонатҳои амниятӣ аз хости худ барои узвият дар НАТО даст бикашад.

Ҳолати минтақаи Донбасс ва назорат бар нерӯгоҳи ҳастаии Запорожйе, ду нуқтаи калидии мавриди ихтилоф дар музокирот бо Вашингтон барои расидан ба созиш ҷиҳати поён додан ба ҷанг бо Русия аст.



РАҲОИИ ЗИНДОНИЁНИ СИЁСӢ ДАР БЕЛАРУС

Пас аз он ки Вашингтон дар бораи имкони бекор кардани таҳримҳо алайҳи содироти нуриҳои минералии Беларус сухан гуфт, Минск рӯзи 13-уми декабр даҳҳо зиндониро озод кард.

Ба гуфтаи намояндагони Амрико, расонаҳои Беларус, созмонҳои ҳуқуқи башар ва мақомоти Украина, раисҷумҳури Беларус Александр Лукашенко дар умум 123 зиндонӣ, аз ҷумла баъзе аз намояндагони мухолифинро "бахшидааст".

Дар байни онҳое, ки аз зиндон раҳо шудаанд, яке аз раҳбарони эътирозҳои соли 2020 Мария Колесникова ва барандаи ҷоизаи Нобел Алес Белятский низ ҳастанд.

Гуфта мешавад, ки ҳамаи маҳбусони сиёсии раҳошуда "саломат ҳастанд" ва Беларусро тарк кардаанд. Мақомоти Украина гуфтаанд, ки 114 зиндонии раҳошуда аз Беларус ба Украина расидаанд. Нуҳ нафари дигар ба Литва рафтаанд.

БЕ ҲУЗУРИ ТОЛИБОН

Нишасти Теҳрон чӣ натиҷа медиҳад?

Нишасти минтақаӣ дар Теҳрон дар мавриди Афғонистон бе ҳузури намояндагони ҳукумати "Толибон" сурат гирифт. Эрон мегӯяд, ки гурӯҳи "Толибон"-ро ҳам ба ин нишаст даъват карда буд.



"Нишасти намояндагони вижаи кишварҳои ҳамсояи Афғонистон ва Русия" рӯзи 14-уми декабр бо иштироки намояндагони вижаи Тоҷикистон, Покистон, Чин, Туркманистон, Ӯзбекистон ва низ Русия бо мизбонии Вазорати корҳои хориҷии Эрон баргузор шуд.

Ҳадафи нишаст баҳс дар мавриди як дидгоҳи минтақавии пойдор дар мавриди чолишҳо ва буҳронҳои муштарак гуфта шудааст. Изҳороти расмӣ ва мустақими намояндагони Русия, Чин ва дигар кишварҳое, ки дар нишасти Теҳрон ҳузур доштанд, то кунун нашр нашудааст.

Вазири корҳои хориҷии Эрон дар ҳамоиш гуфтааст, ки минтақа аз ҳар вақти дигар ба ҳамоҳангии пойдор барои ҳамкорӣ дар робита ба Афғонистон ниёз дорад. Аббос Ароқчӣ дар бахше аз суҳбатҳояш гуфтааст, ки эҷоди як механизми муназзами гуфтугӯҳо миёни кишварҳои ҳамсояи Афғонистон зарурати стратегӣ аст.

Муҳаммад Содиқхон, намояндаи вижаи Покистон дар умури Афғонистон дар ин нишаст таъкид кардааст, ки ба нигарониҳои Исломобод дар бораи терроризм бояд қотеъона расидагӣ шавад ва афзудааст, ки Покистон хоҳони сулҳ, шукуфоӣ ва амният дар минтақа аст.

Вазорати корҳои хориҷии ҳукумати "Толибон" то кунун дар бораи иштирок накардани намояндагонаш дар нишасти минтақаӣ дар мавриди Афғонистон ба таври расмӣ изҳори назар накардааст. Баъзе аз расонаҳои дохилии Афғонистон ба нақл аз Ҳофиз Зиё Аҳмад, раиси робитаҳои умумии Вазорати корҳои хориҷии ҳукумати "Толибон" гузориш додаанд, ки гуфтааст, онҳо ба ин нишаст даъват шуда буданд, аммо иштирок накарданд.

Дар идома ба нақл аз ӯ омадааст, ки ҳукумати Толибон аз тариқи созмонҳои минтақаӣ, форматҳо ва ҳамчунин механизмҳои дуҷониба ба таври давомдор бо ҳама кишварҳои минтақа робитаҳои фаъол дорад ва дар ин замина пешрафтҳои назаррас ба даст овардааст.

Исмоил Бақоӣ, сухангӯи Вазорати корҳои хориҷии Эрон дар ин нишаст гуфт, ки Эрон аз намояндаи Афғонистон, яъне "ҳукумати Толибон" барои ҳузур дар нишаст даъват карда буд ва бовар мекард бар ин буд, ки ҳузури ин намояндагон метавонист раванди ҳамгироии сиёсӣ ва иқтисодиии Афғонистонро дар минтақа суръат бахшад. "Аммо Толибон дар ин нишаст ширкат накарданд ва Эрон ба тасмимҳои онҳо эҳтиром мегузорад ва ин тасмим бар муносибатҳои дуҷониба таъсире нахоҳад дошт",- афзуд ӯ.

Дар ҳамин ҳол, Осиф Дурронӣ, намояндаи вижаи пешини Покистон дар Афғонистон дар шабакаи Х навиштааст, ки тасмими Толибон бар иштирок накардан дар нишасти Теҳрон бори дигар хомии сиёсии Толибонро собит месозад. Ӯ афзудааст, ки "Толибон" тавони музокира ва гуфтугӯ бар сари масоилро надоранд ва чунин барҳӯрде наметавонад мушкилоти чиддӣ ва печидаи мавҷудро ҳал кунад.

Ин нишаст дар ҳоле баргузор шуд, ки Афғонистон пас аз дубора ба сари қудрат расидани "Толибон" дар августи соли 2021, ҳамчунон бо чолишҳои амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ рӯ ба рӯ аст ва талошҳои минтақаӣ барои ёфтани як чорчӯби муштараки ҳамкорӣ дар мавриди ояндаи ин кишвар идома дорад.

САРМОЯГУЗОРОНИ ТОҶИК ДАР АФҒОНИСТОН

Ҳадаф сохтмони корхонаи семент



Як ҳайати сармоягузорони Тоҷикистон ба Афғонистон рафта, бо Ҳидоятуллоҳ Бадрӣ, вазири маъданҳои ҳукумати Толибон дидору гуфтугӯ кардаанд.

Вазорати маъданҳои Толибон рӯзи 11-уми декабр навишт, ки дар ин дидор сармоягузорони тоҷик барои сармоягузорӣ дар сохтани корхонаи семент дар Афғонистон ибрози алоқамандӣ кардаанд.

Ба гуфтаи манбаъ, дар вохӯрии ҷонибҳо масъалаи сармоягузорӣ ба манбаъҳои маъдании Афғонистон баррасӣ шудааст. Ба иддаои Толибон, сармоягузорони Тоҷикистон аз фароҳам шудани заминаи сармоягузорӣ ва таъмини амният дар Афғонистон қадрдонӣ кардаанд.

Вазири маъданҳои Толибон итминон додааст, ки барои фароҳамсозии заминаи сармоягузорӣ бо сармоягузорони тоҷик ҳамкорӣ хоҳад кард. Толибон аз ин сармоягузорони тоҷик ном набурда, танҳо аксеро аз мулоқоташон бо онҳо нашр кардаанд.

Мақомоти Тоҷикистон дар ин мавриди то кунун чизе нагуфтаанд.

Расонаҳои Афғонистон мулоқоти сармоягузорони тоҷик бо вазири Толибонро "бахше аз раванди гармшавии муносибатҳои Толибон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ" тобиш додаанд, ки қаблан аз ҳукумати собиқи ин кишвар ва мухолифини мусаллаҳи Толибон пуштибонӣ мекарданд.

Толибон - ҳаракати мамнуъ дар қаламрави Тоҷикистон

«ХАРБУЗА» БОЗ ХАРИДОР НАЁФТ

Дар музоядаи чойхонаи маъруф ба "Харбуза"-и Ҳисор, ки рӯзи 12-уми декабр баргузор шуд, ягон нафар ширкат накардааст ва он боз фурӯхта нашуд.



Аз Корхонаи воҳиди давлатии ташкили фурӯши амволи давлатӣ ба "Азия-Плюс" гуфтаанд, ки як моҳ қабл эълони фурӯши ин биноро гузошта буданд, "аммо ягон кас барои хариди Чойхонаи миллӣ ҳавасманд нашуд".

"То имрӯз қариб 8 бор эълони фурӯши бинои Чойхонаи миллиро гузоштаем, вале бо сабаби баланд будани нархи он ҳеҷ кас барои хариди он муроҷиат накардааст",- гуфт як намояндаи ин ниҳод.

Мақомот беш аз як сол аст, ки барои фурӯши бинои чойхонаи миллии маъруф ба “Харбуза” дар шаҳри Ҳисор талош мекунанд. Арзиши он беш аз 34,9 миллион сомонӣ (зиёда аз 3 миллион доллар) муайян шудааст.

Чойхонаи мазкур 10 сол пеш ифтитоҳ гардид, аммо, ба қавли коршиносон, он самаранок истифода нашуд.

Қаблан як масъули фурӯши чойхона гуфта буд, ки бо сабаби нархи баланд ягон нафар ба хариди ин бино “ҳавасманд нашуданд”.

Чойхонаи миллии “Харбуза” бо сарфи қариб 35 млн сомонӣ ва дар майдони 4,7 гектар бунёд шудааст. Тибқи маълумоти расонаҳо, Муродалӣ Алимардон, раиси пешини Бонки миллии Тоҷикистон ва роҳбари “Агроинвестбонк” сармоягузори аслии он аст. Биноро 650 нафар дар муддати як сол сохтаанд. Баъди муфлис шудани “Агроинвестбонк” чойхона ба ҳисоби давлат мусодира ва баъдан ба фурӯш гузошта шуд.

4 ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН ШАҲРВАНДИ РУСИЯ ШУДАНД

Хабаргузории РИА “Новости” иттилоъ медиҳад, ки соли 2025 дар умум 71 шаҳрванди хориҷӣ соҳиби шиносномаи Русия шудаанд, ки аз ин миён ҳамагӣ 4 нафар зодаи Тоҷикистон ҳастанд. Ин дар ҳолест, ки соли 2024-ум 209 ҳазор нафар шаҳрвандии Русияро ба даст оварда буданд.

Маълум нест, ки соли гузашта чӣ теъдод зодагони Тоҷикистон шаҳрванди Русия шудаанд, вале дар нимаи аввали соли 2023 ҳудуди 87 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон шиносномаи русӣ дарёфт карда буданд. Ба иттилои хабаргузории РИА “Новости", имсол аз ҳама бештар зодагони Фаронса шаҳрвандии Русияро гирифта, шаҳрвандони Амрико ва Олмон ба сегонаи аввал дохил мешаванд. Аз ҷумла, 32 зодаи Фаронса, 6 зодаи Амрико ва 5 шаҳрванди Олмон шиносномаи русӣ



дарёфт кардаанд.

Зодагони Тоҷикистон ва Италия бошанд, бо гирифтани 4-шиносномаӣ дар мақомҳои баъдӣ қарор доранд.

РЕЗААХБОР

Рустами Эмомалӣ, раиси Маҷлиси миллии Тоҷикистон аз истифодаи сигорҳои электронӣ, бахусус дар байни наврасон изҳори “нигаронии ҷиддӣ” карда, дастур додааст, ки барои манъи истифода, истеҳсол ва муомилоти сигорҳои электронӣ дар сатҳи қонунгузорӣ чораҳо андешида шаванд.

***

Бар асоси иттилои Кумитаи миллии омори Ӯзбекистон, 5 ҳазору 761 донишҷӯи ӯзбек дар мактабҳои олии Тоҷикистон таҳсил мекардаанд. Ба гуфтаи манбаъ, Тоҷикистон пас аз Русия дуюмин кишварест, ки теъдоди зиёди донишҷӯёни ӯзбекистонӣ барои таҳсил омадаанд. Дар ҳамин ҳол, то охири моҳи июни соли 2025 дар мактабҳои олии Узбекистон 1 ҳазору 145 донишҷӯ аз Тоҷикистон таҳсил мекунанд.

***

Дар ноҳияи Ёвон қатораи ҳомили сӯзишворӣ ба садама дучор шудааст. Аз Корхонаи воҳиди давлатии “Роҳи оҳани Тоҷикистон”гуфтанд, ки ин ҳодиса рӯзи 14-уми декабр дар наздикии деҳаи Даҳанаи Ёвон рух додааст. Ба гуфтаи манбаъ, дар пайи лағжиши замин роҳи оҳан вайрон ва боиси ба садама дучор шудани қатора гардидааст. Дар пайи ин ҳодиса, ба иттилои манбаъ, қатора оташ гирифтааст. Ин садама талафоти ҷонӣ дар пай надоштааст.

***

Дар Тоҷикистон Маркази омодагӣ ва имтиҳони санҷиши сатҳи донистани забони чинӣ (Hanyu Shuiping Kaosh (HSK)) таъсис дода мешавад. Ин марказ ба донишҷӯёни тоҷик имконият медиҳад, ки бидуни сафар ба хорича, дар дохили кишвар гувоҳномаи сатҳи донистани забони чинӣ (HSK)-ро ба даст оранд. Гувоҳномаи мазкур барои дохил шудан ба донишгоҳҳои Чин муҳим дониста мешавад.

***

Дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ гази моеъ ҳоло бо нархи 4 сомонию 60 дирам то 4 сомонию 70 дирам фурӯхта мешавад. Ин тақрибан 1 сомонию 50 дирам арзонтар аз нархҳои ду ҳафта пеш мебошад. Дар нимаи аввали моҳи ноябр ва аввали декабр нархи ин навъи сӯзишворӣ ба 5,50 - 5,60 сомонӣ мерасид. Хадамоти зиддиинҳисорӣ сабаби коҳиш ёфтани нархи гази моеъро ба пайдо шудани роҳҳо ва манбаъҳои нави воридот нисбат додааст.



МАРДЕ ШОИСТА ВА ЗИЁИЕ ИСТИСНОӢ

ё достони ғаму шодӣ

(Идома аз шумораи гузашта)

Чун Мусулмониён дид, ки ман дар ин мавзуъ вориди баҳс шуданӣ нестам, ором шуд. Бо ҳамон ҷиддият суханашро идома дода, гуфт:

– Рӯзе, ки Шуморо дар мансаби мушовир - кордори Сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон таъйин карданд, як нафар одами масъул аз ҳамин Сафорат, бо баҳонае мо, мухолифинро дар қаҳвахонае ҷамъ кард.

Ман фаҳмидам, ки ӯ «гуфтании муҳимме» дорад. Мо чанд нафар будем. Оқибат ӯ гирди миз ҳамаи моро наздиқ, калла ба калла карда, гӯё бо овози паст изҳор дошт:

– Ҳамин субҳ вазири мо фармонеро имзо ва дар Сафорат мушовир – кордор таъйин кард. Донед, ки ӯ полковники КГБ аст. Аз ин пас эҳтиёт бошед. Ба дигар рафиқон ҳам гӯед.

Мусулмониён баъди каме таваққуф идома дод:

– Аз мо, мухолифин касе чизе нагуфт. Ва баъд ҳам нафаре ин мавзуъро муҳокима накард.

Ман ба сухани Мусулмониён гуфтание надоштам. Ин маълумотро намедонистам. Аммо фаҳм, дарк ва таҳлилҳои ман ба чунин изҳорот наздикӣ дошт.

Хомӯширо халалдор кардани шуда, Раҳим Мусулмониён бо ҳамон содагии покдилона ва боҷуръатонаи худ суханашро идома дод:

– Ана, акнун донистед, ки ман барои чӣ маҳз дар Сафорат бо Шумо вохӯрӣ таъйин кардам. На дар ҷойи дигар. Дар акси ҳол, шояд гумон мекардед, ки ман хабаркашӣ ва ё бадгӯйӣ карда истодаам. Ҳис кардам, он нафаре, ки ман ӯро ҷосус мешуморам, айни замон дар ҳамин Сафорат аст. Бо Шумо кор карда истодааст. Акнун даъват кунед он шахсро, то ман ин гапро дар рӯяш ҳам гӯям. Лозим бошад, боз шоҳид ҳам меорам. Даъват кунед! Худи ҳозир даъват кунед! – оқибат, барошуфт ва фармон дод муаллим.

Ман хомӯш меистодам.

Кӯшиш мекардам ба меҳмон ягон посух ва вокуниш ҳам нишон надиҳам. Инро дида, ғазаби профессор зиёдтар гашт:

– Чаро хомӯшед?!!! Биёред! Биёред, рӯ ба рӯ кунед, ки мухолифин хоин аст ё корманди давлатӣ?

Ман аз ғазаби муаллим завқ бурда, каме табассум кардам. Ва дидам, ки профессор ором намешавад:

– Муаллим, ман инро медонам. **«Моро фурӯхтанд ва мефурӯшанд. Муҳим он аст, ки аксарият содиқ ҳастанд»,** – гуфта, сухани як муаллифи ҳакимро бе истифодаи ному насабаш иқтибос овардам.

– Ҳа, бале, – каме ором шуда, гуфт оқибат профессор, – «изои муъмин ҳаром» мегӯед. Ин ҳам дуруст. Шуморо муътақид карда бошам, бас аст. Кифоя, – суханашро хулоса кард Мусулмониён.

Ман мавзуи сухбатро тағйир доданӣ шуда:

– Устод, ин ҷо ҳолу аҳволатон чӣ тавр аст? Гоҳо ёди Ватан, ёру ошноҳо мекунед? – гуфта, хостам маҷрои сухбатро ба самти аслӣ барам.

Раҳими Мусулмониён ба андеша фурӯ рафт.

Аз эҳсоси зиёд чашмонаш нам гирифт.

Каме таваққуф кард.

Ба худ омад.

Устод ва муҳаққиқи забардасти назми тоҷик ин ғазали Ҳофизро бо овози ҳазин хонд:

Гар аз ин манзили вайрон
ба сӯйи хона равам,
Дигар он ҷо, ки равам,
оқилу фарзона равам.
З-ин сафар гар ба саломат
ба Ватан боз расам,
Назр кардам, ки ҳам аз роҳ
ба майхона равам.
То бигӯям, ки чӣ кашфам
шуд аз ин сайру сулук,
Ба дари савмаа бо
барбату паймона равам.
Ошноёни раҳи ишқ гарам
хун бихӯранд,
Нокасам, гар ба шикоят
сӯйи бегона равам...
Гар бубинам хами абрӯи
чу меҳробаш боз,
Саҷдаи шукр кунам в-аз
пайи шукрона равам.

Албатта, аз рӯйи одоб ва тартиби хизматӣ набошад ҳам, ман маълумоти хиёнатро на ба сафир ва на ба Вазорати корҳои хориҷии мамлакат ва на ба идораи амнияти Тоҷикистон нагуфтам.

Тамоми умр оини кори мо буд, дар ҷойе, ки фаъолият ба сар мебарем ва аз он нон мехӯрем, камбудро шиносем, бояд андеша ва таҳаммул кунем. Оқибати корро то ҳади имкон бо сабр саришта намоем. Тадбир пеша кунем. Гапи хонаро ба бозор, ба худиву бегона набарем. Чун надидам, ки баръакси ин амал қимати касе афзуда бошад.

Аз ин оин ман зарар надидам.

НАЗДИ МАН ҶАВОНМАРД ОН БУВАД

Ҳамин тариқ, бо профессор Раҳими Мусулмониён вақт ба вақт дар тамос мешудем.

Ӯ дигар аз дому дон, фитнаву шар, зеру забар, ҷангу ҷадал ва гулобу қанди мухолифин батамом канда буд.

Дар Донишгоҳи улуми адабиёти форсӣ ба тадқиқот шуғл меварзид. Бо меҳнати ҳалол рӯзгор мебурд.

Р. Мусулмониёнро ҳар сари вақт ба Сафорат даъват мекардам. Ӯ ҳам, сарфи назар аз масруфият, ба идораи намояндагӣ ташриф меовард.

Мо дар сари як чойник чой соатҳо сухбат мекардем. Гарчанде байни мо гоҳо баҳсҳо сурат мегирифт. Онҳо бештар мавзуъҳои адабиёти классикиву муосир ва сиёсатро дахл мекарданд. Ман аз ин шахсияти бузург дарси илму адаб ва назокати муошират меомӯхтам.

Ҳамин тариқ, риштаи дӯстиву рафоқати ман бо профессор Раҳими Мусулмониён мустаҳкам гардид. Замоне ки бекортар мебудам, мошин фиристода, ӯро барои сайру гашт ба боғи Ниёварон ва ё ба боғи «Тахти сангин», дар наздикии Сафорат даъват мекардам.

Гоҳо, чун ба ягон самти Эрон танҳо сафар медоштам, устодро ҳамроҳ мегирифтам, ки раҳ «кӯтоҳ шавад» ва сафар хуш гузарад.

Албатта, профессор аз чунин таклиф хушаш меомад.

Тамоми роҳ мо дар ягон мавзуъ суҳбат мекардем. Ман доим суолҳои зиёд доштам. Шунидани ҷавоби онҳо аз забони шахси донишманд, шеърхону шеърдон, нуктафаҳму соҳибмуҳокима ва дидаву дониста ниҳоят ҷолиб буд.

Боре нияти сафари шаҳри Ҳамадонро кардам. Шом бо Раҳими Мусулмониён дар тамос шудам. Таклифи ҳамроҳиро бо хушнудӣ қабул кард.

Дар роҳ ман дар бораи шаҳри Қазвин, ки аз Теҳрон дар масофаи яксаду панҷоҳ километр қарор дошт, нақл кардам. Аз Убайди Зоконӣ ёдовар шудам.

Устодро «Худо дод». Ӯ тез гапи маро бурида, риштаи суханро дар атрофи ин шоири тавонои асри XIII бурд.

Мусулмониён бо як завқи баланд дар бораи адиби тавонои миллати тоҷик нақлҳо мекард.

Аз ҷумла, гуфт, ки агар имкон бошад, мо аввал ба деҳаи Зокони Қазвин рафта, ақаллан, зодгоҳи ин марди рӯинтанро зиёрат кунем, баъд сафарро идома диҳем.

Ман аз профессор пурсидам, аз куҷо маълум аст, ки дар ҳақиқат Зокон макони тавалludи шоир аст. Муаллим гуфт:

– Инро худи шоир дар як байташ тасдиқ кардааст:

Гар кунӣ бо дигарон
ҷабру ҷафо,
Бо Убайдуллоҳи Зоконӣ
накун!

Сипас суханашро идома дода, хотирнишон кард:

– Чандин шеъру қитъаву достонҳои шоир чунон сароида шудаанд, ки гӯё ҳолу аҳволи маро тасвир мекарда бошад. Масалан, дар як рубоияш мегӯяд:

Нест дар дастам кунун
аз хушку тар,
З-он чӣ вақте дар
шуморе омадӣ,
Ғайри ман дар хонаам
чизе намонд,
Ҳам намондӣ гар ба
коре омадӣ.

Аммо чун Убайд бузургмард буд ва аз касе тамаи ноне надошт, дар ҷойи дигар гаштаву баргашта таъкид кардааст:

Эй дил, пас аз ин андуҳи
беҳуда махӯр,
З-ин беш ғами будаву
нобуда махӯр.
Ҷон медеҳу доди тамаъу
ҳирс мадеҳ,
Ғам мехӯру нони
миннатолуда махӯр.

Инро гуфту Раҳими Мусулмониён яку якбора сахт маъюс гашт:

– Ман профессор. Дар замони Шуравӣ ҳафтсад сум маош мегирифтам. Бо он се оила, агар шабу рӯз мехӯрданд, зиёдатӣ мекард. Ба фикрам, ношукрӣ аз дасти худамон гузашт, – гуфт.

Ман, ки доим бо муаллим дар «ситеза» будам, шӯхӣ кардам:

– Домулло, Шумо дар бораи Убайди Зоконӣ гап занед, на дар бораи худатон. Набошад ман тарҷумаи ҳоли ин «шаккок»-ро худам ба Шумо нақл мекунам, – гуфтам.

Профессор ба ҳуш омад, табассум кард ва гуфт:

– Воқеан, Убайди Зоконӣ шахсияти ҷасуру далер ва марди фозил, ҳаҷвнигор ва соҳибмуҳокима будааст. Замоне ӯ ба Бағдод сафар мекунад. Дар он ҷо аз танҳоӣ азият мекашад. Аммо намехоҳад пеши касе фазлфурӯшӣ ва сар хам кунад. Чанд мухлиси Убайд ба Салмони Совачӣ, шоири тавоно, аммо тамаллуқҷӯйи дарборӣ дар бобати меҳмон шудани Зоконӣ дар ин шаҳр хабар мерасонанд.

Салмони Совачӣ аз эҷодиёти Убайд хуб огаҳ буд ва аз ҳаҷву мутоибаҳои ӯ эҳсоси малолӣ карда, дар ҳаққаш қитъа месарояд:

Ҷаҳаннамиву ҳиҷогӯ
Убайди Зоконӣ,
Муқаррар аст ба
бедавлативу бединӣ.
Агарчӣ нест зи Қазвину
рустозодаст,
Валекин мешавад андар
ҳадис қазвинӣ.

Ин қитъа ба гӯши Убайд мерасад. Рӯзе шоир ҳангоми сайру гашт дар соҳили дарёи Дачла Салмони Совачиро бо ҷамъи хушомадгӯёнаш мебинад. Наздик меравад. Арзи салом ва бо онҳо мусоҳиба мекунад.

Чун ҳозирин ҷавонмарди хушқаду қомат ва бо фазлу донишро мебинанд, ӯро ба маъракаи худ даъват мекунанд. Салмон аз ӯ мепурсад:

– Бародар бо ин хушсуханӣ аз кучоӣ?

– Аз Қазвинам, ҳазрат! – ҷавоб медиҳад Убайд.

– Боракалло, боракалло! Аз Қазвин, ки бошӣ, бародар, бигӯй, ки аз эҷодиёти мо магар дар ватани Шумо чизе маълуму машҳур аст?

– Албатта, ҳазрат. Шумо яке аз шоирони шинохтаи он диёр эътироф шудаед. Аммо аз кулли ашъоратон як порчае вирди забони хоссу ом аст, – мегӯяд Убайд.

– Офарин, он порча кадом будааст, меҳмон?

Убайди Зоконӣ бо риояти ифоданокии қироати шеър мегӯяд:

Ман хароботияму
бодапараст,
Дар хароботи муғон
ошиқу маст.
Мекашандам чу сабу
дӯш ба дӯш,
Мебарандам чу қадаҳ
даст ба даст.

(Давом дорад)

Саймумин ЯТИМОВ

ВОРИДОТ

$302,9 МЛН ВОРИДОТИ ЧӮБУ ТАХТА БА ТОҶИКИСТОН

Дар 10 моҳи соли 2025 ба Тоҷикистон ба маблағи 302,9 млн доллар чӯбу тахта ва маснуот аз он ворид карда шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11,3 фоиз ё 30,7 млн доллар бештар мебошад. Дар ин бора Хадамоти гумруки Тоҷикистон хабар медиҳад.



Русия бузургтарин содиркунандаи масолеҳи чӯбу тахта ба Тоҷикистон боқӣ мемонад ва 60-65 фоизи ҳаҷми умумии воридотро ташкил медиҳад. Қазоқистон ва Беларус низ аз ин навъи масолеҳ ба Тоҷикистон содирот мекунанд, вале ҳиссаи онҳо назар ба Русия камтар аст. Ҳамзамон, тибқи маълумоти Идораи нозироти ҷангали Русия, Тоҷикистон воридкунандаи асосии масолеҳи чӯбу тахта аз Ҷумҳурии Хакасия мебошад. Дар 11 моҳи соли 2025 аз Хакасия ба Тоҷикистон зиёда аз 22,2 ҳазор метри мукааб чӯбу тахтаи сӯзанбарг ворид гардидааст, ки 92,24 фоиз аз ҳаҷми умумии содироти ин навъи маҳсулот аз ин минтақаи Русияро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,39 фоиз зиёд мебошад.

Қисми асосии масолеҳи воридшуда ба чӯбу тахтаи аррашуда рост меояд, ки ҳаҷми он тақрибан 23,3 ҳазор метри мукааб мебошад. Ин омор аз боло рафтани талабот ба чунин масолеҳ дар бозори Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Тибқи пешгӯиҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон, солҳои 2026-2028 афзоиши ҳаҷми воридоти чӯбу тахта идома меёбад. Ин афзоиш пеш аз ҳама ба рушди соҳаи сохтмон ва зиёд шудани талабот ба масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла чӯбу тахтаи хушсифат ва маснуот аз он вобаста аст.

ИМТИЁЗ

ВОРИДОТИ ПАНЕЛҲОИ ОФТОБӢ ТО СОЛИ 2031 АЗ АНДОЗ ОЗОД!

Воридот ва таҳвили таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ, аз ҷумла панелҳои офтобӣ бо дарназардошти табдилдиҳандаи ҷараён (инвертор), дастгоҳҳои захиракунандаи ҷараён, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо то 1-уми январи соли 2031 аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.



Вобаста ба ин 15-уми декабри соли равон аз ҷониби Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҷумҳурӣ чонибдорӣ гардид. Ҳамчунин, тибқи тағйироти воридшуда, объектҳои ғайриманқуле, ки дар онҳо таҷҳизоти панелҳои офтобӣ бо қувваи номиналии 0,1 мегаватт ва зиёда аз он насб гардидаанд, ба муҳлати 5 сол аз пардохти андози объекти ғайриманқул озод мешаванд.

Ин тадбир ба ҳавасмандгардонии истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи барқ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди энергияи тоза дар кишвар равона шудааст.

МОЛИЯ

СТРАТЕГИЯИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Дар шаҳри Душанбе «Стратегияи нави ҳамкории кишварии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2031» муаррифӣ шуд. Дар чорабинӣ роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва намояндагони Бонки ҷаҳонӣ иштирок намуданд.



Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон саҳми Бонки ҷаҳониро дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок баланд арзёбӣ намуд.

Бино ба иттилои Вазорати молия, зимни муаррифии стратегия ба самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла таъсиси ҷойи нави кор, рушди соҳаҳои энергетика, бахши хусусӣ ва ҷалби сармоя, ҳамчунин ба таҳкими сармояи инсонӣ (маориф ва тандурустӣ) таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Ҷонибҳо барои тақвияти ҳамкорӣ бо мақсади расидан ба ҳафадҳои гузошташуда изҳори омодагӣ намуданд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

АСРОРИ МУВАФФАҚИЯТИ РОБЕРТ КИОСАКИ

Роберт Киосаки устоди маъруфи бизнес дар ҷаҳон аст. Ӯро оламиён бештар бо китоби машҳури «Падари сарватманд, падари камбағал» (Rich Dad Poor Dad) мешиносанд. Китобе, ки тафаккури молиявии миллионҳо нафарро тағйир додааст.

РОБЕРТ КИОСАКИ КИСТ?

Роберт Киосаки соли 1947 дар Ҳавайи (ИМА) таваллуд шудааст. Падараш омӯзгор ва корманди давлатӣ буд. Шахсе, ки маълумоти олӣ, аммо даромади маҳдуд дошт. Маҳз муқоисаи зиндагии падари худ бо падари дӯсти кӯдакиаш, ки соҳибкор ва сарватманд буд, ба Роберт дарси асосии ҳаётро омӯзонд. Яъне, маълумоти расмӣ кафолати сарват нест.

Худи Киосаки ҳам менависад: «Дар мактабҳо моро меомӯзонанд, ки чӣ гуна кор ёбем, на чӣ гуна сарват созем».

Ӯ чӣ гуна сарватманд шуд? Роберт Киосаки роҳи маъмулии “кор бикун, маош бигир”-ро интихоб накард. Ӯ пас аз хизмат дар неруҳои баҳрӣ ва омӯзиши фурӯш ба соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва махсусан амволи ғайриманқул рӯ оварад. Сарчашмаҳои асосии сарвати Роберт Киосаки сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул, тиҷорат ва ширкатҳои омӯзишии молиявӣ, китоб ва барномаҳои таълимӣ, инчунин, сармоягузорӣ ба дороиҳое буданд, ки даромади доимӣ меоранд.



Ба гуфтаи ӯ, сарватмандон барои пул кор намекунанд. Онҳо пулро водор мекунанд, ки барои онҳо кор кунад.

4 СИРРИ МУВАФФАҚИЯТИ КИОСАКИ

Якум, тафаккури молиявӣ. Киосаки таъкид мекунад, ки фарқи асосӣ байни сарватманд ва камбизоат дар тарзи фикрронӣ аст, на дар маош. Камбизоатон чунин мепурсанд: “Чӣ қадар маош мегирам?”. Аммо сарватмандон мепурсанд: “Ин ба ман чӣ қадар даромади доимӣ меорад?».

Дуюм, дороӣ ва уҳдадориҳо. Яке аз идеяҳои машҳури ӯ фарқ гузоштан байни дороиҳо ва уҳдадориҳо мебошад. «Дороиҳо ба ҷайби шумо пул меоранд, уҳдадориҳо пулро аз ҷайбатон мебароранд»,-таъкид мекунад номбурда.

Сеюм, омӯхтан аз хатоҳо. Киосаки борҳо нокомӣ ва муфлисшавиро таҷриба кардааст, аммо онро як қисми роҳи муваффақият мешуморад.

«Ман аз нокомӣ наметарсам. Ман аз он метарсам, ки ҳеҷ чиз наомӯзам»,- чунин мешуморад ӯ.

Чорум, мустақилияти молиявӣ, на танҳо сарват. Ба андешаи ӯ, ҳадафи асосӣ озодӣ аст, на пул. «Пул муҳим нест. Озодӣ муҳим аст»,- таъкид медорад Киосаки.

Вокеан ҳам, Роберт Киосаки устоди тафаккури молиявӣ мебошад. Ба мардум меомӯзонад, ки барои пул кор накунанд, балки пулро барои худ кор фармоянд. Саводи молиявиро рушд диҳанд ва аз хатар наҳаросанд. Ҳамзамон, барои ояндаи худ масъул бошанд. Мероси асосии Киосаки ин аст, ки сарват аз фикр оғоз меёбад.

Усмон РАҲИМЗОДА

БАХИЛӢ НАКУНЕД!



(Аввалаш дар саҳ. 2)

Дар як деҳа, ки талабаҳои мактабаш дар се баст таҳсил мекарданд, масъулин сохтмони муассисаи навро ба далели дурӣ 80 млн сомонӣ ҳисоб карданд. Вақте сокинон ин нархро шуниданд, гуфтанд, мо худамон месозем ва сохтанд. Барои чунин бунёдкорӣ ба сокинон сипос мегӯям.

***

Вақте наврасону ҷавонон бесавод мемонанд, ҷомеа хурофотпараст мешавад. Бо камоли масъулият дар тарбияи фарзандонамон саҳмгузор бошем.

БО ХУРОФОТ ДАВЛАТ ТАРАҚҚӢ НАМЕКУНАД!

АЗ 3 ҲАЗОР КИЛОМЕТР РОҲҲОИ МАҲАЛЛӢ, КИ ТАЙИ СЕ СОЛИ ОХИР ДАР КИШВАР БУНЁДУ ТАҶДИД ШУДАНД, 2,6 ҲАЗОР КИЛОМЕТР АЗ ҲИСОБИ СОҲИБКОРОН ВА АҲОЛӢ АНҶОМ ШУДААСТ. ҲАМЧУНИН, 70% Ё 26 ҲАЗОР ИНШООТУ БИНО, КИ БАХШИДА БА 35-СОЛАГИИ ИҚТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БУНЁД МЕГАРДАД, АЗ ҲИСОБИ СОҲИБКОРОНУ ШАХСОНИ САХОВАТПЕША ВА ШАҲРВАНДОН АСТ.

***

Соҳибкорон ҳамин қадар мактабу роҳу муассисаҳои иҷтимоӣ месозанд, худашонро реклама намекунанд.

ПОЙТАХТИ МАМЛАКАТ СИМОИ МИЛЛАТ АСТ!

Китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуровро додам, ки хонед. Барои хондан додам, на барои токчамонӣ. Китобҳои “Шоҳнома”, “Қуръон”-ро тақсим кардем, ки хонеду маъниашро фаҳмед. Зиёдаравӣ накунед.

***

Бо хурофот давлат тараққӣ намекунад. Давлатҳои пешрафтаро бинед. Мо дар куҷо қарор дорем. 90 фоизи бозори мо аз хорича аст. Мо дар осиёби дигарон об рехта истодаем. Боигарии мо берун рафта истодааст.

***

Мусулмонии моро касе намегирад ва вақти илм омӯхтан, касб омӯхтан, баланд бардоштани маърифати миллии тоҷик омадааст.

***

Мо медидем, ки падару модаронамон чӣ гуна либос пӯшида, ба хонаи ҳамсоя ва чорабинии онҳо мерафтанд. Мо медидем, ки чӣ гуна барои хабаргирии хешовандон ба шаҳру ноҳияҳои дигар ба меҳмонӣ мерафтанд. Чӣ гуна сару баданро тозаю озода карда, либосҳои тоза ва нав мепӯшиданд.

НАВРӮЗ ҶАНБАИ ДИНӢ НАДОРАД

Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки аҷдоди хирадманди мо пиндори нек, гуфтори нек, кирдори некро ҳамчун арзиши бузурги инсондӯстона шиори зиндагии худ қарор додаанд. 6 ҳазор сол пеш. Ақли кӣ мегирад инро?

***

Бо назардошти фалсафаю ҳикмати ҷовидонаи Наврӯз, суннат ва истифодаи он, дар шаҳри Душанбе “Маркази байналмилалии Наврӯз” бунёд карда шавад.

Наврӯз ягон ҷанбаи динӣ надорад. На зардушт, на ислом, на дини дигар. Мо вазифадорем, ки дар баробари ифтихор, онро соҳибӣ кунем, омӯзем, идома диҳем ва ба наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи ҳувиятсоз ба мерос гузорем.

1 МИЛЛИОНУ 400 ҲАЗОР ҶОЙИ КОРӢ

Соли 2026 сохтмону азнавсозии 300 километр роҳҳои мошингарди байналмилаливу чумҳуриявӣ ба маблағи умумии 3 миллиард сомонӣ оғоз мегардад.

***

Масъулони вазорату идораҳо ва ҳукуматҳои маҳаллӣ вазифадоранд дар панҷ соли оянда 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода, нақши соҳибкории хурд, косибӣ ва ҳунарҳои мардумиро баланд бардоранд.

***

Дар ин раванд ба масъалаи бо кор таъмин кардани хатмкунандагони марказҳои таълимӣ, муссисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи махсус, дар навбати аввал занон, маъюбон ва дигар қишрҳои аҳолии ба дастгирии иҷтимоӣ эҳтиёҷманд эътибори хоса дода шавад.

***

Тибқи нақша то 35-солагии ҷашни Истиқлол бояд 29 ҳазор корхонаву иншоот сохта шавад, ки то кунун 26 ҳазори он пурра сохта ва ба истифода дода шудааст. Беш аз 70 дарсади 26 ҳазор корхонаву иншоотро сокинону соҳибкорон бунёд кардаанд.

АФЗОИШИ ДАРОМАДУ МАОШ

Даромади аҳолии Тоҷикистон дар 10 соли охир 6 баробар афзудааст.

Дар соли 2015 даромади аҳолӣ 26 миллиард сомонӣ буд ва соли 2025 ин нишондиҳанда ба 165 миллиард сомонӣ расид.

***

Дар 10 соли гузашта иқтисоди Тоҷикистон 7,6% афзоиш ёфта, дар ин муддат беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ба кишвар ворид гардид.

***

Соли 2025 сатҳи камбизоатӣ то 19% коҳиш ёфтааст. Соли гузашта ин рақам 21,2% буд.

***

Ҳаҷми бучети давлатии Тоҷикистон дар соли 2025 ба 50 млрд сомонӣ расид. Нисбат ба соли 2021-ум 65 дарсад бештар аст.

***

Ҳадди ақали музди меҳнат соли оянда дар Тоҷикистон ба андозаи 1300 сомонӣ дар як моҳ муқаррар шавад.

***

АЗ 1-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2026 МАОШИ ВАЗИФАВИИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ МАОРИФ, АЗ ҶУМЛА ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ВА МИЁНАИ УМУМӢ 25 ФОИЗ, ДИГАР МУАССИСАҲОИ СОҲАҲОИ МАОРИФ, СОҲАҲОИ ИЛМ, ФАРҲАНГ, ВАРЗИШ, ТАНДУРУСТӢ, МУАССИСАҲОИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ, ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ, ИНЧУНИН СТИПЕНДИЯҲО 20 ФОИЗ ЗИЁД КАРДА ШАВАД.

***

НАФАҚА АЗ 1-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2026 НА КАМ АЗ 15% ИНДЕКСАТСИЯ, ЯЪНЕ ЗИЁД ШАВАД.

***

Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки барномаи рушди маъмурикунонии андозро барои солҳои 2026-2030 таҳия ва қабул кунад. Инчунин, барои баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ чорабиниҳои иловагӣ андешида шавад.

МУСАЛМОНИРО АЗ МО КАСЕ НАМЕГИРАД

Масоҷид дар Тоҷикистон зиёданд. Мусалмониро аз мо касе намегирад ва бояд таваҷҷуҳ ба омӯзиши илм намуд.

***

Моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем.

***

Суръати интернет дар Тоҷикистон бояд баланд бардошта шавад.

***

СОЛИ 2026-УМ СОЛИ БУНЁДКОРӢ ВА ТАҚВИЯТИ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ ЭЪЛОН КАРДА ШАВАД.

***

Ҳурмати падару модар, хусуру хушдоман ва тарбияи хуби фарзандон худ ҳаҷ ва кори савоб аст!

***

Ҳар тоҷике, ки аз ин Ватану сарзамин менолад, ӯ мусалмон нест, ӯ кӯр аст.

***

Ба насли ҷавон бахилӣ накунем, онҳоро тарбия кунем, гулчин кунем. Дар кадом сатҳе набошад - маҳал, ҷамоат, деҳа...

***

Вақте ки мо сарҷамъ ҳастем, муттаҳид ҳастем, бузургии мо аз ракетаҳои ҳастаӣ пурқувваттар аст.

ПАС АЗ 48 СОЛ

«КУЛЛИЁТ» - И МИРЗО ТУРСУНЗОДА БА НАШР РАСИД

12-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ РАВОН ДАР АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН РӮНАМОИИ “КУЛЛИЁТ”-И ШАШҶИЛДАИ ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН, УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА, КИ АЗ ҶОНИБИ КОРМАНДОНИ ШУЪБАИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ БА ЧОП ОМОДА ШУДА, АЗ ҶОНИБИ НАШРИЁТИ “ДОНИШ” БА ТАБЪ РАСИД, БАРГУЗОР ГАРДИД. ДАР ИН МАРОСИМ ФАРЗАНДИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА - ФИРӮЗА ТУРСУНЗОДА ИШТИРОК ВА СУХАНРОНӢ НАМУД.



Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, **академик Қобилҷон Хушвахтзода** зимни сухани ифтитоҳии хеш дар мавриди ҷойгоҳи устод Мирзо Турсунзода дар рушди адабиёт ва фарҳанги тоҷик дар даврони шуравӣ суҳбат кард. Ӯ аз ҷумла таъкид кард, ки устод Мирзо Турсунзода на фақат ҳамчун шоири маҳбуб, балки чун ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ, раиси Кумитаи ҳамдилӣ бо халқҳои Осиёву Африқо, узви Кумитаи шуравии сулҳ ва садорату котиботи Иттифоқи нависандагони Шуравӣ, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, раиси Кумитаи ҷумҳуриявии муҳофизати сулҳ ва раиси Кумитаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ соҳиби обрӯву нуфузи хос буд.

“Нашри “Куллиёт”-и шашҷилдаи ходими давлатӣ ва сиёсӣ, Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода ба воқеияти фарҳангиву адабии кишвари мо саҳми арзишманд мегузорад. Ин маҷмӯа мутолиа ва таҳқиқи мероси пурғановати адабӣ ва фикрии устодро осон мегардонад ва барои хонандагон, донишҷӯён, олимон ва муҳаққиқон манбаи боэътимод маҳсуб меёбад”,- гуфт Қобилҷон Хушвахтзода.

Дар идомаи маҳфил **Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Фарангис Шарифзода, адабиётшиносон Аламхон Кӯчарзода, Бехрӯзи Зебеҳулло, духтари устод Мирзо Турсунзода - доктори илми фалсафа, профессор Фирӯза Турсунзода** ва дигар олимону муҳаққиқон доир ба нақши устод Мирзо Турсунзода дар рушди адабиёти миллӣ, таърихи сиёсат ва ташаккули фарҳанги Тоҷикистон сухан гуфтанд.

Фарангис Шарифзода дар мавриди нашри "Куллиёт"-и устод Мирзо Турсунзода гуфт: “Баъди аз олам даргузаштани устод Мирзо Турсунзода дар охири соли 1977, Комиссияи умумииттифоқие, ки барои омӯзиши мероси адабии шоир таъсис ёфта буд, барномаи густурдаеро пешниҳод намуд. Бар асоси қарори он Комиссия зарур шуморида буд, ки тамоми маводи бойгонии Мирзо Турсунзода - мактубҳо, ҳуҷҷатҳои шахсӣ, ёддоштҳо ва навиштаҳои пароканда ҷамъоварӣ, танзим ва таҳлил гарданд. Ҳамчунин вазифа гузошта шуда буд, ки гурӯҳи олимони адабиётшиносу забоншинос ин мероси пурқиматро ба таври касбӣ омӯзанд ва барои нашр ба забони тоҷикӣ, инчунин маҷмуаи сеҷилдаи ашъори шоирро ба забони русӣ таҳия намоянд. Аммо мутаассифона, ин қарор - чун як қатор қарорҳои дигари вобаста ба омодасозӣ ва нашри мероси пуриқтидори устод дар саҳифаи коғаз боқӣ монд ва ба иҷрои комил нарасид. Инак, аз замони таъсиси он комиссияи умумииттифоқӣ то кунун 48 сол сипарӣ шуд ва ҳоло аз баракати соҳибистиқлолии мамлакат, тавсияву ғамхориҳои Пешвои миллат дар хусуси гиромидошти бузургони илму адаб ва кӯшишу заҳмати ходимони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон “Куллиёт”-и шашҷилдаи устод Мирзо Турсунзода таҳия, нашр ва дастраси хонандагон хоҳад гардид”.

"Куллиёт"-и шашҷилдаи устод Мирзо Турсунзода ба мутолиаи амиқ ва таҳлили густардаи илмӣ ниёз дорад, ки албатта аз ҷониби мутахассисон сурат хоҳад гирифт. Дар ин нигошта банда зимни муаррифии ҷилдҳо ба баъзе нукот ишора хоҳам кард, ки ҳангоми варақ задани "Куллиёт"-и мушоҳида кардам.

ҶИЛДИ 1.

Шеърҳо. Мураттибон: Бехрӯзи Забеҳулло, Ҷамолиддин Саидзода, Лутфулло Шарифзода.- Душанбе: “Дониш”, 2025.- 465 саҳ.

Дар ин ҷилд қариб 400 шеъри шоир, ки дар анвоъи гуногун аз соли 1932 то соли 1977 суруда шудаанд, гирдоварӣ шудаанд. Ашъори шоир пас аз муқоисаву муқобала бо маводи бойгонии устод дар Осорхонаи адабӣ-ёдгории Мирзо Турсунзода ва нашрҳои алоҳидаи ашъори шоир мураттабу такмил шудаанд. Мураттибон дар сарсухани ҷилди аввал менависанд: “Бархе аз шеърҳои шоир байни даҳаҳои 30-50-и асри XX фақат як бор дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шуда, аммо дар маҷмӯаҳои шеърии ӯ бо сабабҳои гуногун ҷой дода нашудаанд. Гурӯҳи кории тадвини "Куллиёт" ин шеърҳоро пайдо карда, дар шашҷилда ворид кардаанд. Дар маҷмуъ дар ҷилди якуми куллиёт (шеърҳо) зиёда аз 30 шеъри чопнашуда ва ё чопшуда дар матбуот, ки дар маҷмӯаҳои шоир ворид нашуда буданд, бори аввал дар "Куллиёт" дохил карда шуданд. Бархе аз ин ашъорро муҳаққиқон бори аввал аз дастнависҳои маҳфуз дар бойгонии шоир (Осорхонаи адабии Мирзо Турсунзода), ки маъмулан ашъорашро ба хати форсӣ иншо мекард, пайдо карда, вориди "Куллиёт" намудаанд”. Гарчанде мураттибон дар таҳияи ин ҷилд заҳмати зиёд кашидаанд, вале тавре худашон низ иқрор кардаанд, ҷилд ҳанӯз мукаммал нест, зеро тавре адабиётшинос Атахон Сайфуллоев навиштааст: “Устод Мирзо Турсунзода шоире буд нисбат ба ҷамъоварии нашри осори хеш бепарво. Дар маҷмӯаҳояш шеъру достонҳое гирдиҳам омадаанд, ки ҳангоми ба чоп омода кардани онҳо дар дасташ буданд. Ӯ барои ҷустуҷӯйи ашъори парокандааш вақт ҳам надошт. Мураттибони осори ӯ низ чизҳои тайёрро аз нашрҳои пешинаи маҷмӯаҳояш гирифта китоб сохтаанд...”. Бинобар ин, пажӯҳишгаронро зарур аст, ки барои ҷустуҷӯйи ашъори парокандаи шоир идома диҳанд. Дар поёни ин ҷилд “Дар бораи худам” ном ёдномаи Мирзо Турсунзода илова шудааст, ки шоир онро ҳамчун сарсухан ба осори дуҷилдааш (1961) таълиф кардааст. Тавзеҳоти арзишмандии илмӣ дар поёни китоб (429 тавзеҳот, наздик ба 60 саҳифа) низ арзиши ҷилдро афзуда, манбаи муҳим барои пажӯҳишгарон мебошад.

ҶИЛДИ 2.

Достонҳо. Мураттибон: Б. Забеҳулло, Ҷ. Саидзода, Л. Шарифзода.- Душанбе: “Дониш”, 2025.- 380 саҳ.

Дар ин ҷилд манзумаҳо ва достонҳои устод Мирзо Турсунзода гирдоварӣ шудаанд. Маълум мешавад, ки устод Мирзо Турсунзода давоми фаъолияти эҷодии худ 16 достон таълиф кардааст. Аз ҷумла “Ба эҷодкорам” (1935), “Офтоби мамлакат” (1936), “Хазон ва баҳор” (1937), “Оби ҳаёт” (1939), “Барои Ватан” (1941), “Писари Ватан” (1942), “Духтари ҳамсоя” (1949), “Мавҷи табрикҳо” (1950), “Ҳасани аробакаш” (1952-54), “Духтари муқаддас” (1955), “Садои Осиё” 1956), “Чароғи абадӣ” (1958), “Ҷони ширин” (1959), “Дар мамлакати тиллоӣ” (1955), “Роҳи нури офтоб” (1964), “Аз Ганг то Кремл” (1979). Бархеи ин достонҳо бисёр машҳуранд, ки хонандаи тоҷик онҳоро азёд медонад, вале чанде аз ин асарҳо, аз ҷумла “Ба эҷодкорам” (Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1935, №10, бо номи “Хучанд”) ҳамагӣ як бор чоп шуда, на ҳама дар бораи онҳо маълумот доранд. Бинобар ин, дар як ҷилд ҷамъ овардани достонҳои шоир сазовори тамҷид мебошад. Ин ҷилд низ тавзеҳот дорад, вале он ноқис аст. Барои мисол мураттибон шарҳ намедиҳанд, ки чаро достони “Хучанд” номи “Ба эҷодкорам”-ро гирифтааст? Ё достони “Офтоби мамлакат” чанд маротиба ва дар куҷоҳо нашр шудааст? Ва чаро аз достони “Мамлакати тиллоӣ” фақат порчаҳо барои нашр интихоб шудааст? Ҳамчунин, дар охири ин ҷилд мақолае “Ба ҷойи охирсухан” (саҳ. 328-353) оварда шудааст, ки ба қалами кӣ тааллуқ доштанаш маълум нест...



ПАС АЗ 48 СОЛ

КУЛЛИЁТИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА БА НАШР РАСИД



(Давомаш дар саҳ. 10)

(Аввалаш дар саҳ. 9)

ҶИЛДИ 3.

Асарҳои драмавӣ, либреттоҳо ва тарҷумаҳо. Мураттиб: Шоҳзамон Раҳмонов.- Душанбе: “Дониш”, 2025.- 605 саҳ.

Дар ин қисм драмаи “Ҳукм”, либреттоҳои “Хусрав ва Ширин” (1936), “Шӯриши Восеъ” (1937), “Тоҳир ва Зӯҳро” (1943), “Арӯс” (1945) оварда шудааст. Ҳамчунин, вариантҳои гуногуни либреттоҳо, ки дар Осорхонаи шоир маҳфуз буданд, ба ҷилд илова шудаанд, ки арзиши онро бештар кардааст. Тарҷумаи либреттоҳо ба забони русӣ низ шомили ин ҷилд шудааст. Ҳамчунин, осори Шота Руставели, А. С. Пушкин, Т. Г. Шевченко, Н. А. Некрасов, Ҷамбул, А. Сурков, Самад Ворғун, Расул Ризо, Зулфия, Шараф Рашидов ва Анатолий Сафронов дар тарҷумаи Мирзо Турсунзода дар ин ҷилд чоп шудаанд. Тавзеҳоти ин ҷилд низ ноқис мебошад. Соли тарҷумаҳо ва нашри онҳо зикр нашудааст. Яъне тартиби таҳияи “Куллиёт” дар ин ҷилд риоя нагардидааст.

ҶИЛДИ 4.

Насри бадеӣ, публитсистика ва нақди адабӣ. Мураттибон: Лутфулло Шарифзода ва Бехрӯзи Забеҳулло.- Душанбе: “Дониш”, 2025.- 609 саҳ.

Ин ҷилди "Куллиёт"-и устод Мирзо Турсунзода насри бадеӣ, публитсистика ва нақди адабии шоирро фаро гирифтааст. Ин осорро устод Турсунзода дар арзи фаъолияти адабии худ эҷод кардааст, ки баёнгари дар зиндагии иҷтимоӣ ва маънавию сиёсии кишвар иштироки фаъол доштани ӯст. Дар он аз эҷодиёти давраи аввал то рӯзҳои охири ҳаёти ӯ интихоб гардидааст.

ҶИЛДИ 5.

Публитсистика. (Ба забони русӣ). Мураттиб: Ҷамила Муруватиён.- Душанбе: “Дониш”, 2025.- 507 саҳ.

Ҷилди мазкур дар асоси маводи архиви шоир, ки дар Осорхонаи адабии Мирзо Турсунзода нигаҳдорӣ мешавад, ба чоп таҳия шудааст. Дар он 80 мақолаву маърӯзаҳои устод Мирзо Турсунзода пешниҳоди хонанда шудааст, ки қариб ҳамаашон бори аввал нашр мешаванд. Мураттиб дар таҳияи ин ҷилд заҳмати зиёде кашида, яке аз муҳимтарин ва арзишмандтарин ҷилди "Куллиёт"-ро омода кардааст. Дар маводи ин ҷилд чеҳраи Мирзо Турсунзода ҳамчун сиёсатмадори дурандеш, шахсияти иҷтимоӣ, роҳбари дилсӯзи адибон, мунаққид ва адабиётшинос ҳувайдо мегардад. Вале камбудии асосии ин ҷилд надоштани тавзеҳот аст. Яъне маълум нест, ки шоир ин мақолаву маърӯзаҳоро кадом сол ва ба кадом муносибат таълиф кардааст. Ба назари банда, маҳз ҳамин ҷилд бештар ба тавзеҳот ниёз дошт, зеро он бозгӯкунандаи фаъолиятҳои чамъиятиву сиёсии устод Мирзо Турсунзода аст.

ҶИЛДИ 6.

Мактубҳо. Мураттибон: Амирхӯҷа Абдураҳимов, Лутфулло Шарифзода, Муҳаббат Ҷалилова, Моҳшариф Табарова, Илоҳа Саидхоҷа.- Душанбе: “Дониш”, 2025.- 502 саҳ.

Номаҳое, ки мухлисон, шогирдон, ҳамқаламон ва шахсиятҳои номвари ҷумҳуриҳои дигар ба шоири маҳбуб, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, раиси Кумитаи ҳамдилӣ бо кишварҳои Осиёву Африқо, устод Мирзо Турсунзода навиштаанд, бори аввал дастраси хонанда мешаванд. Дар ин ҷилд 540 нома гирдоварӣ шудааст, ки давоми солҳои 1935-1965 ба устод Мирзо Турсунзода фиристода шудаанд. Мухтавои номаҳо гуногун ҳастанд, яке ба шоири маҳбуб ибрози муҳаббат мекунад, дигаре ҳали мушкилоташро мепурсад, сеюми шеърашро барои таҳрир мефиристад, нафари баъдӣ мақола ва ё шеър талаб мекунад ва ғ. Ин номаҳо ба таҳқиқи ҷиддӣ ниёз доранд ва интизори мутолиаи пажӯҳишгарон ҳастанд. Вале тавре ишора шуд, дар ин ҷилд номаҳое, ки то соли 1965 ба суроғаи шоир омадаанд, чоп шудааст. Номаҳое, ки аз соли 1965 то охири умри шоир, яъне соли 1977 ба унвони устод омадаанд, вориди "Куллиёт" нашудаанд. Мураттибон дар сарсухани ҷилд ба ин ишора кардаанд: “... ҳоло ҳам дар бойгонии Мирзо Турсунзода номаҳо ва ҳуҷҷатҳои зиёди арзишманд боқӣ мондаанд, ки то ба имрӯз пурра омӯхта нашудаанд”. Яъне кори таҳияи номаҳои устод Мирзо Турсунзода идома дорад...

ИШОРА КАРДАН БА СЕ НУКТАИ ДИГАРРО ЗАРУР МЕШУМОРАМ:

1. Дар умум, нашри “Куллиёт”-и шашҷилдаи устод Мирзо Турсунзода падидаи муҳими илмӣ ва фарҳангӣ аст ва тавре Президенти АМИТ, академик Қобилҷон Хушвахтзода таъкид кард, “оғози марҳилаи нав дар шинохти устод Мирзо Турсунзода ва эҷодиёти арзишманди ӯ”. Нуктаи муҳим он аст, ки "Куллиёт"-и мазкур ҳамаи осори шоирро фаро нагирифтааст. Яке аз мураттибони “Куллиёт”, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Бехрӯзи Забеҳулло ҳам зимни суханрониаш дар маросими рӯнамоӣ ба ин ишора кард. Ӯ гуфт, ки омӯзиши осори шоир нишон медиҳад, ки "Куллиёт"-и устод Мирзо Турсунзода 10 ҷилд хоҳад шуд. Умед аст, ки Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт ба омӯзиши эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода идома медиҳад ва куллиёти комили шоирро нашр хоҳад кард.

2. "Куллиёт"-и устод Мирзо Турсунзода бо теъдоди хеле кам, ҳар ҷилд ҳамагӣ 100 нусха (дар умум 600 нусха) чоп шудааст, ки аз рӯйи инсоф нест. Зеро устод Мирзо Турсунзода шоири маҳбуби мардуми тоҷик аст ва осораш хонандагони зиёд дорад. АМИТ дар доираи имконоташ ин китобро таҳияву нашр кард. Акнун месазад, ки нашриётҳо онро бо теъдоди зиёд чоп ва дастраси хонандагон кунанд. Лоақал зарур аст, ки як баста аз "Куллиёт"-и устод Мирзо Турсунзода дар ҳар як китобхонаи мактабҳои кишвар бошад...

Одил НОЗИР

Бо ханда аз рақиб ситон интиқоми ман

Аз ҷилди аввали “Куллиёт”-и устод Мирзо Турсунзода чанд шеъри шоирро манзури шумо мегардонем, ки бори аввал нашр мешаванд.

САЛОМИ МАН

Оё барад хаёл ба ҷонон саломи ман,
Оё кунад писанд азизам каломи ман.
Аз дил пиёла созаму аз хуни дил шароб,
Шояд расад ба гӯши ту овози ҷоми ман.
Дар суҳбате, ки мекунӣ бо ёру дӯстон,
Шарме накун, гаҳе ба забон ор номи ман.
Созад баланд марҳамати ёри нозанин
Дар пеши чашми мардуми олам мақоми ман.
Ғайбат кунад ба пеши ту аз ман рақиби шум,
Бо ханда аз рақиб ситон интиқоми ман.
Мирзо, расад ба кальаи рӯҳи мурод агар,
Арзандаи суруди ту гардад паёми ман.

ДИЛ ФАСЛИ БАҲОРОН

Дил фасли баҳорон ба тамошои чаман рафт,
Чун ошиқи деринаи гулҳои чаман рафт.
Хуршеди ҷаҳонтоб, бигӯ, шуъла фишонад,
Уммеди ҷавонӣ ба тамошои чаман рафт.
Гар бахту саодат ба назар ҷилва намояд,
Донед, сухан аз рухи зебои чаман рафт.
Аз ҳар тарафи боғу чаман ғулғула бархост,
То булбули шӯрида ба савдои чаман рафт.

ДИЛИ ОШИҚ

Бесабаб қаҳру итоб, аз чӣ кунӣ,
Чигарамро ту кабоб, аз чӣ кунӣ.
Дили ошиқ, ки бувад хонаи ту,
Хонаи хеш хароб, аз чӣ кунӣ.

Чони ман, о, ба барам, нозон о,
Бо рухи шоду лаби хандон, о.
То ки аз бӯи ту ман маст шавам,
Мисли гулҳои баҳористон, о!

Ваъдаи дода фаромӯш макун,
Ба гапи фитнагарон гӯш макун.
Бода дар пеши ман аз дасти рақиб,
Дилбаро, нӯш макун, нӯш макун!

Чони ман гар талабӣ, ҷон диҳамат,
Чон ба як додани фармон диҳамат.
Дар раҳат додани ҷон кам бошад,
Ҳар чи хоҳӣ ту, бигӯ, он диҳамат!

БАЪД АЗ МУТОЛИАИ ҲОФИЗ

Бар сари қабрам биёӣ, маст ою маст рав,
Шиша дар як даст о, соғар ба дигар даст рав.
Бар сари қабрам биёӣ, бингар аввал, ки дар он
Буйи ман, дуди дили сӯзони ошиқ ҳаст, рав.

***

Абрҳои сафеди паҳни Ватан
Дур монда чу ёди он аз мо,
Кӯҳҳоо - уштурони хастабадан
Карда буданд хоб дар гармо

***

Дилам омад ба ларзиш аз нигоҳат,
Чи сон сеҳрест дар чашми сиёҳат.
Нагардад маҳв дил то дар ғарибӣ,
Бигир онро, азизам, дар паноҳат.

***

Дӯсти сарпанчаи моро чу оҳан сахт кард,
Дӯстӣ маҳкамтар аз кӯҳ, аз фалак болотар аст!

КУШТОРИ ВАҲШИЁНАИ КЎДАКИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ



ДИРЎЗ, 16-УМИ ДЕКАБР ДАР ЯКЕ АЗ МАКТАБҲОИ РУСИЯ ҲОДИСАИ ВАҲШАТНОКЕ РЎЙ ДОД, КИ АЗ ШУНИДАНАШ ДИЛИ КАС ПОРА-ПОРА МЕШАВАД. ЯК ХОНАНДАИ СИНФИ 9-УМИ МАКТАБИ МАШҲУРИ БА НОМИ УСПЕНСКИЙИ ШАҲРАКИ ГОРКИЙИ ОКРУГИ ОДИНСОВО БО КОРД БА ХОНАНДАГОН ҲАМЛА КАРДА, ПИСАРБАЧАИ 10-СОЛАИ ТОҶИК ҚОБИЛҶОНРО КОРДБОРОН НАМУДААСТ. КЎДАК БАР АСАРИ ҶАРОҲАТҲОИ ВАЗНИНИ БАРДОШТААШ ДАР ҶОЙИ ҲОДИСА БА ҲАЛОКАТ РАСИДА, БАР ЗАММИ ИН, БОЗ 3 НАФАРИ ДИГАР ЗАХМӢ ГАШТААНД.

КУШТОР АЗ РЎЙИ МИЛЛАТГАРОӢ

Тавре телеграм-канали Baza, «Осторожно, Москва», 112, SHOT ва дигар расонаҳои Русия хабар додаанд, ин ҳодисаи хунин тахминан соатҳои 10-и субҳи 16-уми декабр рӯй дода, хонандаи синфи 9-и Б Тимофей К. бо корд мусаллаҳ гашта, ба мактаб омадааст ва аз ҳисси миллатгароӣ ва нафрат ба намояндагони дигар дину миллатҳо чанд нафарро захмӣ намудааст.

Дар наворҳое, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гаштаанд, дида мешавад, ки чӣ тавр ин қотили 15-сола муддати 8-10 дақиқа озодона синф ба синф гашта, муаллимаеро, ки мӯйи сиёҳ доштааст, чустучӯ мекунад.

Пас аз ин, навраси миллатгарои рус корд дар даст ба як гурӯҳ хонандагони синфҳои поёнӣ наздик шуда, намояндаи кадом миллат буданашонро пурсуҷӯ мекунад. Посбони мактаб кӯшиш мекунад ӯро берун кунад, вале Тимофей посбонро дашноми қабеҳ дода, ба чашмонаш гази ашковар мепошад ва корд мезанад.

КЎДАКИ БЕГУНОҲРО КУШТУ СЕЛФӢ ГИРИФТ

Бо дидани ин манзараи ваҳшатнок муаллима ба даҳшат афтода, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки зудтар ба синфҳояшон дароянд, вале қотил корд дар даст думболи як писарчаи 10-солаи сияҳмӯй медавад ва кӯдакро дарёб карда, бо дашномҳои қабеҳ кордборон мекунад. Кӯдаки маъсум, ки Қобилҷон Алиев ном дошта, тоҷик будааст, аз захмҳои зиёди корд бар асари хунравӣ дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст. Қотил амалҳои ваҳшатбори худро ба навор гирифта, дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн кардааст ва пас аз содир намудани қуштори ваҳшиёнаи кӯдаки 10-солаи тоҷик дар назди ҷисми бечони Қобилҷони ғарқа дар хун акси селфӣ гирифтааст.

МЕХОСТ МАКТАБРО ТАРКОНАД, ВАЛЕ...

Ин манзараи ваҳшатнок тамоми омӯзгорон ва хонандагони мактабро ба даҳшат оварда, зиёда аз 100 нафар кӯдакон дар “Толори варзишӣ” ва бинои ҳамшафати “Қасри ҷавонон” пинҳон шудаанд. Дар ин миён қотил дар ҳоҷатхона либосашро иваз карда, боз як нафари дигарро гаравгон гирифтааст ва дар яке аз синфхонаҳо пинҳон шудааст.

Тибқи иттилои расонаҳои русӣ, ӯ мехостааст мактабро тарконад, аммо кормандони мақомоти қудратӣ ин навраси золиму хунхорро дастгир намуданд.

ЯТИМЕ, КИ ДАР ҒАРИБӢ КУШТА ШУД



Писарбачаи ғӯррамарги тоҷик Қобилҷон фарзанди оилаи муҳоҷири тоҷик буда, падар надоштааст. Дар як навори видеоӣ, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шудааст, яке аз ҳамсояҳои ин оила аз Қобилҷон ба некӣ ёд карда, бо ашки шашқатор мегӯяд, ки бисёр писараки хуб, меҳрубон ва оромтабиат буд.

“Аз кӯдакӣ бо писари ман ҷӯраҳои ҷонӣ буданд. Бисёр бачаи хуб буд”,- мегӯяд ҳамсоязан ва илова мекунад, ки модари Қобилҷон як зани танҳои азияткашида аст. Шавҳараш чанд сол пеш вафот кардааст. Ин зани тоҷик дар мактаб фарроши карда, ду писараки ятимашро ба танҳоӣ ба воя мерасонидааст.

Қобилҷон як бародари дигар доштааст ва ҳарду дар як синф мехондаанд, вале маълум нест, ки онҳо дугоник буданд ё не.

КУМИТАИ ТАФТИШОТИИ РУСИЯ ЧӢ МЕГӮЯД?

Кумитаи тафтишотии Русия тасдиқ намудааст, ки бар асари ҳамлаи навраси миллатгаро Тимофей К. дар мактаби ба номи Успенскийи шаҳраки Горкийи округи Одинсово 3 нафар ҷароҳат бардошта, як писарбачаи 10-солаи тоҷик ба ҳалокат расидааст.

Дар хабар гуфта мешавад, ки гумонбар дар пурсиши аввалин ба гуноҳаш иқрор шуда, нисбати ин навраси 15-сола барои содир намудани ҷиноятҳои вазнини куштор ва сӯйқасд ба куштор бо моддаҳои 105 ва 30-и Кодекси ҷиноятии Федератсии Русия парвандаи ҷиноятӣ оғоз ёфтааст. Тафтишоти ҳодиса аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ идома дорад.

АГАР КАСЕ ҶИНОЯТРО ПЕШГИРӢ МЕКАРД...

Дар хабарҳое, ки дар расонаҳои русӣ паҳн гаштаанд, сабаби асосии сар задани ин ҳодисаи ваҳшатборро ба миллатгароӣ ва нафрату кинаю адоват нисбат ба намояндагони дигар дину мазҳаб ва миллатҳо маънидод намудаанд. Дар либоси қотили 15-солаи рус Тимофей К. навиштаи «No Lives Matter» - «Ничьи жизни не важны» мавҷуд будааст.

Гуфта мешавад, ки ин навраси миллатгаро чанд рӯз пеш ба содир намудани ҷинояти ваҳшатбор омодагӣ дидааст ва ҳатто бо унвони “Мой гнев” як эътирозномаи калони 15-саҳифагӣ навишта, ба ёру ошно ва ҳамсинфонаш равон кардааст. Дар он навишта Тимофей нафрат ва адоваташро нисбат ба ҷомеа баён намуда, одамонро аз рӯйи дин ва миллаташон ба гурӯҳҳо ҷудо кардааст, вале ин суханони ӯро ҷиддӣ қабул накардаанд.

Агар ҳамон вақт омӯзгорон, ҳамсинфон ва дигар ошнову шиносҳояш нисбати қаҳру ғазаби ин навраси миллатгаро бепарвоӣ зоҳир накарда, чорае меандешиданд, шояд ин ҳодисаи хунин сар намезад ва як кӯдаки бегуноҳи тоҷик ба сад хорӣ кушта шуда, чанд нафари дигар ҷароҳат намебардоштанд, вале афсӯс...

ВОКУНИШИ МАҚОМОТИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон дар пайи куштори кӯдаки 10-солаи тоҷик дар Русия ба сафири ин кишвар дар Душанбе нотаи эътирозӣ супоридааст. Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон бо нашри як изҳорот ҳамла ба кӯдаки 10-солаи тоҷик дар Маскавро “нафрати миллӣ” хонда, онро қотеона маҳкум кардааст.

Ин ниҳод гуфтааст, ки дар пайи ин ҳодиса, Семён Григорев, сафири Русия дар Тоҷикистонро ба Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон даъват карда, ба ӯ нотаи эътирозӣ супурдааст. Дар ин нота Тоҷикистон аз Русия талаб кардааст, ки “тафтишоти фаврӣ, объективӣ ва бечаразонаи ин ҳодисаи фоҷиаборро анҷом диҳад ва ҳамаи шахсони дахлдорро тибқи қонун ба ҷавобгарӣ кашад”.

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, ҳамчунин, ба оила ва наздикони ин шаҳрванди ноболиғи Тоҷикистон изҳори таслият баён кардааст.

Ҳамчунин, дар пайи қатли Қобилҷон Алиев, навраси 10-солаи тоҷик дар Маскав, Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон бо Владимир Колоколтсев, ҳамтои руси худ дар робита ба ин қазия телефонӣ гуфтугӯ кардааст.

ВКД-и Тоҷикистон навишт, дар ин суҳбат Раҳимзода аз Колоколтсев талаб кард, ки сабабу омилҳои ҳодисаи мазкур ҳамаҷониба санҷиш ва чорабинӣ карда шавад.

“Дар рафти суҳбати телефонӣ қайд гардид, ки содир гардидани чунин ҷиноятҳои мудҳиш метавонад боиси вазъи ногувори ҷомеа гардида, боз барои дигар гурӯҳҳои радикалии миллатгаро талқин ва таҳрики содир намудани чунин ҷиноятҳо гардад”, - навиштааст ВКД.

Ф. САТТОРӢ

ЗУКОМИ ҲОНКОНГӢ



Дар Тоҷикистон айни замон навъҳои мавсимии зукоми навъи A - H3N2 (ҳонконгӣ) ва H1N1 (зукоми хук) дар гардишанд. Аз Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мегӯянд, ки ин вирусҳо барои кишвар маъмул буда, чандин сол аст, ки дар давраи авҷи беморӣ ба қайд гирифта мешаванд.

ЗУКОМИ ҲОНКОНГ ЧӢ ГУНА БЕМОРИСТ?

Зукоми ҳонконгӣ A (H3N2) як навъ бемории шадиди вирусӣ мебошад. Маъмулан ин беморӣ бо баланд шудани ҳарорати бадан, душвор гаштани нафаскашӣ, сулфа, оби бинӣ ва дарди гулӯ зоҳир мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо вайроншавии кори меъдаву рӯда ва захролудшавии шадиди организм ба назар расида, маризро табларза мегирад ва аз камқувативу заифии организм шикоят мекунад. Дарди сар ва дарди мушакҳо нишонаҳои дигари бемории мазкур мебошанд.

БЕПАРВОЙ ЧӢ ОҚИБАТҲО ДОРАД?

Агар бемор сари вақт ба табибон мурочиат намуда, муолиҷаи дуруст гирад, ба зудӣ сиҳат мешавад ва хатаре ба ҷон ва саломатиаш таҳдид намекунад, вале дар сурати беэътиноӣ намудаву табобат нагирифтан, сирояти бактериявӣ метавонад инкишоф ёбад. Дар натиҷа мариз ба пневмония, синусит ва дигар бемориҳои вазнин гирифтор гашта метавонад. Дар ҳолатҳои шадид хатари инкишофи сирояти токсикӣ вуҷуд дорад.

АЗ ТАЪРИХИ БЕМОРӢ

Бори аввал ин беморӣ соли 1968 дар Ҳонконг муайян карда шудааст. Вирус зуд дар саросари ҷаҳон паҳн гашта, то ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Австралия расид.

Пандемияи зукоми Ҳонконг соли 1968 дар саросари ҷаҳон чони аз як то чор миллион нафарро рабуд.

Хуручи дуюми Зукоми ҳонконг соли 2016 ба вуқуъ пайваст, аммо шумораи шахсони вафтида нисбатан камтар буд. Аз он вақт инҷониб, вирус дар миёни аҳолӣ гардиш мекунад, вале имрӯз мизони маргу мир аз ин навъи зуком беш аз як дарсад нест.

Зукоми Ҳонконг яке аз вирусҳои мавсимӣ буда, қариб ки ҳар зимистон ба вуҷуд меояд, вале дар сурати сари вақт аз паси табобат шудан оқибатҳои нохуш надорад.

ЗУКОМИ ҲОНКОНГ ЧӢ ТАВР СИРОЯТ МЕШАВАД?

Дар робита ба зуҳуроти клиникӣ табибон мегӯянд, ки нишонаҳои зукоми Ҳонконг ба зукоми муқаррарӣ монандӣ доранд, вале ин штамм дорои баъзе хусусиятҳои хос мебошад. Аз ҷумла давраи инкубатсионӣ хеле кӯтоҳ буда, аз як то ду рӯз давом мекунад. Шахси сирояткшуда дар муддати як рӯз пеш аз зуҳури аломатҳои аввалини беморӣ то тақрибан панҷ-ҳафт рӯзи беморӣ дигаронро сироят карда метавонад.

НИШОНАҲОИ АСОСИИ ЗУКОМИ ҲОНКОНГ

1. Дар аввал бемор эъсоси заъф ва хастагии шадид намуда, камқувват ва хоболуд мешавад.

2. Пас аз ин арақ кардани бадан ва нишонаҳои дигари беморӣ, аз қабили дилбеҳузурӣ ва қайкунӣ пайдо шуда метавонанд.

3. Ҳарорати бадан якбора то 39-40 дараҷа баланд мешавад. Аксар вақт ҳангоми баланд шудани ҳарорати бадан беморро табларза мегирад.

4. Гулӯ ба хориш ва дард даромада, сулфаи хушк пайдо мешавад.

5. Дардҳои шадид дар тамоми аъзои бадан эҳсос шуда, мариз бештар аз дарди мушакҳо, буғумҳо, пушт, дастҳо ва пойҳо шикоят мекунад.

6. Нишонаи дигари Зукоми Ҳонконг дарди ҷонкоҳи сар, махсусан дар қисмати пешонӣ ва чашмҳо мебошад. Дар баъзе беморон ҳолати чарх задани сар мушоҳида мешавад. Фишор дар чашм зиёд шуда, ба рӯшноӣ нигоҳ кардан душвор мегардад.

7. Дар давоми ду рӯзи аввал оби бинӣ тамоман нест ё хеле кам буда, ин фарқияти асосии Зукоми Ҳонконг мебошад. Баъдтар аломатҳои зукоми маъмулӣ пайдо мешаванд.

8. Аломатҳои беморӣ босуръат инкишоф меёбанд. Хусусияти хоси зукоми Ҳонконг хеле зуд бад шудани ҳолати бемор аст. Шахс метавонад саҳар худро хуб ҳис кунад, аммо то шом ӯро якбора табларза фаро гирифта, ҳарорати баданаш то 40 дараҷа баланд шавад.

9. Агар беморӣ бе мушкилот идома ёбад, марҳилаи шадид тақрибан аз чор то панҷ рӯз давом мекунад. Дар ин давра табларзаи баланд, дарди бадан ва дарди сар бештар ба назар мерасад. Пас аз ин табларза паст мешавад ва бемор тадричан худро беҳтар ҳис мекунад.

ТАБОБАТИ ЗУКОМИ ҲОНКОНГ

Бо мушоҳида намудани аломати аввалини беморӣ ҳатман ба духтур мурочиат намоед. Мутахассис нақшаи табобатро тартиб дода, ба шумо давоҳои зарурӣ, аз ҷумла доруҳои зиддивирусиро таъин мекунад. Дар ҳолати сабук ва миёнаи зукоми Ҳонконг бемор дар хона табобат карда мешавад. Ҳангоми беморӣ дар бистар мондан ва моеъи фаровон нӯшидан муҳим аст - ин ба организм кумак мекунад, ки бо сироят мубориза барад. Дар ҳолатҳои вазнин бемор дар беморхона бистарӣ карда мешавад.

Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи серташвиш аст. Нафароне, ки нияти сафарро доранд, сафарҳояшон бобарор анҷом меёбад. Вақтатонро хуш гузаронида, мушкилиҳои ночизро фаромӯш мекунед. Мушкилоти оилавӣ қувваи зиёдро талаб намуда, боиси асабхаробиятон мегардад.

Савр
21.04 - 21.05

Бо баъзе сабабҳо вақтҳои охир вазъи молиявии шумо чандон хуб нест. Барои рафъи бепулӣ маблағи дар даст доштаатонро сарфакорона истифода баред. Мушкилоти дар ҷои кор сарзадаро то охири ҳафта бартараф мекунед.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Рӯзи орому бе ташвиш аст. Бо сабаби хушчақчақ ва одамчасп буданатон муддати мадид бо қошу қавоқи овезон гашта наметавонед. Ба дили шахсе, ки дӯсташ медоред, роҳ ёфтан мехоҳед. Аз мулоқотҳои ошиқона болидарӯҳ мегардед.

Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи орому осуда фаро мерасад. Аз як ҷониб хуб аст, ки ба эҳсосоти манфӣ дода намешавед, вале аз ҷониби дигар аз берангу бемаънӣ сипарӣ шудани ҳаётатон дилгир мегардед. Доираи дӯстонатонро васеъ гардонед, шармгиниро аз худ дур созед.

Асад
23.07 - 22.08

Воқеаҳои давоми ҳафта рухдода хушу гуворо сипарӣ гардида, дергоҳ дар хотиратон нақши худро мегузоранд. Ҳатто мушкили манзилие, ки дергоҳ азиятатон медод, ба фоидаи шумо ҳал мегардад.

Сунбула
23.08 - 22.09

Бо сабаби он ки масъулияти зиёдеро ба дӯши худ мегиред, ҷонатон дар азоб аст ва хастагӣ таркатон намесозад. Аввали ҳафта низ нафаре аз шумо дар коре кумак мепурсад, вале рад карда наметавонед. Ба пурхӯрӣ ва камҳаркатӣ роҳ надихед.

Мизон
25.09 - 22.10

Ба дилатон шубҳаву гумонҳои бад роҳ ёфта, нақшаву ниятҳоятонро ба таъхир мегузоред. Бонувон чун ҳамеша бо дилрабоиву фаттонӣ мардҳои гирду атрофашонро ба вачд меоранд. Мизонҳои мучаррад, аз шиносшавӣ худдорӣ накунед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта ба коре даст задан намехоҳед. Корҳои нотамом шуморо ором намегузоранд. Мушкилиҳои молиявии сарзада ҳолатонро табоҳ месозанд, барои аз чунин вазъият берун баромадан бояд чизеро тағйир диҳед.

Қавс
25.11 - 21.12

Аксари қавсҳо чун одат чаққону корчаллон нестанд ва ин сабаби худро дорад. Эҳтимоли хуруҷ намудани бемориҳои музмин, ки чанд муддат шуморо азият медоданд, дар назар аст. Бо корҳои оилавие, ки ба шумо эҳсоси қаноатмандӣ мебахшанд, машғул шавед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Рӯзи бобарору ором аст. Табъи хушатон ба рафти корҳоятон бетаъсир намемонад. Шахси дӯстдоштаатон сабру таҳаммули шуморо қадр мекунад. Муносибати нави ошиқонаро маслиҳат намедиҳем, он оқибати нек надорад.

Далв
21.01 - 19.02


Тамоми ҳафта аз чизе норозӣ мегардед. Шумо нисбати худ хеле сахтгир ҳастед. Ба муваффақияти осон ба даст омада умед набандед, аксаран вазъият аз шумо вобастагӣ надорад. Айни замон шумо дар роҳи рост қарор доред ва имкониятҳои хуб пешатон меоянд.

Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта бароятон комёбиҳои тағйирёбандаро пеш меорад. Сабаб дар фориғболии худатон аст. Бо вуҷуди пеш омадани душвориҳо, танбалӣ накунед, имкони вазъиятро ба фоидаи худ истифода бурданро доред.

ЧАРОҒИ МАЪРИФАТИ ДОНИШГОҲ

Дар олами илму маърифат чеҳраҳое ҳастанд, ки умри хешро фидои дониш, таҳқиқ ва тарбияи насли ҷавон мекунанд. Яке аз чунин фарзонафарзандони миллат ва омӯзгори шинохтаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон устоди фанни физика Ҳукуматов Аваз Ибрагимович мебошад, ки беш аз 65 соли умри пурбаракаташ сарфи хизмат ба илму маърифат шудааст.



ДАВРАИ НАВРАСӢ

Устод Аваз Ҳукуматов 7-уми октябри соли 1937 дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст.

Дар давоми солҳои 1945 то 1952 талабаи мактаби 7-солаи деҳа буд. Дар даврони таҳсил ба худомӯзӣ ва бештар хондани китобҳо майл дошт. Аз ин рӯ вайро дар мактаб аз ҷиҳати дониш ва ташкилотчигӣ ҳамчун яке аз пешқадамон мешинохтанд.

Барои давом додани хониш ӯро ба мактаб-интернати давлатии №10, назди мактаби миёнаи №23-и шаҳри Душанбе равон намуданд. Аз солҳои 1952 то 1955 дар ин интернат хонда, онро бо баҳои аъло хатм менамояд. Баъд муддати ду сол дар мактаби ҳафтсолаи ноҳияи Данғара муаллим шуда фаъолият кардааст. Данғара он солҳо чандон обод ба назар намерасид, давраи баъдичангӣ, мушкилиҳои алоҳидае дар зиндагии мардуми заҳматкаш буд.

Муаллими ҷавон Ҳукуматов А. дар хоначаи хурдакак, бо як кати хоб ва як мизу ду курсӣ ҷой гирифта буд, вале дарсҳояш аз дигарон фарқ мекард, бо шавқу завқ ва ҳаваси хоса ба шогирдон дарс медод. Мехост толибилмонро соҳибмаърифат, мустақил, чӯянда, навовар, нотарс тарбия кунад ва ин сифатҳо коромади манфиатҳои Ватан бошад.

Бо ҳамин хислату фазилати шояд барои худи ӯ ноаён, таваҷҷуҳ ва эҳтироми ҳамагонро ба худ ҷалб мекард...

АЙЁМИ ДОНИШҶӮЙ

Пас аз ду соли фаъолияти омӯзгорӣ Ҳукуматов А. И. соли 1957 ба факултети физика ва математикаи ДДТ ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) дохил мешавад. Дар як муддати кӯтоҳ бо хислатҳои меҳнатдӯстӣ, ҳалолкорӣ, ростгӯй тавонист дар байни донишҷӯёну муаллимон обрӯи калонро соҳиб шавад.

Бо назардошти малакаи баланди донишҷӯӣ ва бо баҳои аъло хонданаш Аваз Ҳукуматов соли 1961 аз байни ҳамкурсони пешқадамаш ҳамчун яке аз бехтаринҳо барои идомаи таҳсил, соли панҷуми хониши донишҷӯӣ ба факултети физикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград (ҳоло шаҳри Санкт-Петербург) фиристонида мешавад.

Дар як муддати кӯтоҳ дар ин донишгоҳ низ вай дар байни донишҷӯён ба сафи пешқадамон ва аълохонҳо дохил мешавад. Мавсуф зери роҳбарии доктори илмҳои физика ва математика, олими намоёни сатҳи ҷаҳонӣ, профессор Фрисман Э. В. кори дипломиашро ба анҷом расонида, онро бо муваффақият ҳимоя менамояд. Бояд иброз намуд, ки ҳамон солҳо майлу рағбати вай нисбати илми полимерҳо зиёд мегардад ва саҳми олим, профессор Фрисман Э. В. дар ин самт хеле бузург аст.

ДАР ҶОДАҲОИ ИЛМ

Баъд аз хатми Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург устодро барои кор ба кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти ДДТ пешбарӣ мекунанд. Вай фаъолияташро дар ин кафедра ба ҳайси лаборанти калон сар карда, дар давоми солҳои 1962-1967 ба ҳайси ходими хурди илмии лабораторияи проблемавии физикаи устувории полимерҳои донишгоҳ идома медиҳад.

Соли 1967 муаллим бо пешниҳод ва ҳидояти ходими намоёни илми физикаи ИҶШС, доктори илмҳои физика дар соҳаи полимерҳо профессор Нарзуллоев Б. Н. ба аспирантураи ДДТ дохил мешавад ва соли 1973 рисолаи номзадиашро дар мавзуи "Таъсири омилҳои қуввагӣ ба дарозумрии полимерҳо" ҳимоя менамояд. Пас аз ин Ҳукуматов А. И. дар вазифаи ассистент, муаллими калон ва сипас солҳои 1975-1988 дар вазифаи дотсенти кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти ДМТ таъйин мекунанд. Дар ин муддат даҳҳо мақолаи илмии таҷрибавии лаборатории онҳо бо дигар олимон оид ба омӯзиши дарозумрии полимерҳо дар ҳолатҳои гуногун дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба чоп мерасанд.

А. Ҳукуматов бештар дар самти механикаи полимерҳо кор кардааст. Дар асоси омӯзиш ва таҷрибаҳои сершумор оид ба мустаҳкамӣ ва хосиятҳои деформатсионии як қатор моддаҳои полимерӣ, дар шароитҳои таъсири омилҳои гуногуни қуввагӣ (тобхӯрӣ ва хамиш), муҳитҳои агрессив ва радиатсия вай қонунияти термофлуктатсионии вайроншавии полимерҳоро ошкор намудааст.

МАҲСУЛИ КОРҲОИ ИЛМӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Натиҷаи корҳои илмӣ ва педагогии Аваз Ҳукуматов дар бисёр маҷаллаҳои илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, Олмону Ҷопон ва дигар давлатҳо нашр шудаанд. Дар давраи фаъолияти кориаш устод зиёда аз 70 мақолаи илмӣ ва дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёни факултети физика тайёр намудааст.

Хизматҳои пурсамари устод дар ҷодаи илм, омӯзгорӣ ва ҷамъиятӣ борҳо қадрдонӣ шудаанд. Соли 1987 барои хизматҳои арзанда дар соҳаи таълим ва илм Ҳукуматов А. И. бо мукофотҳои Вазорати маълумоти олии Иттиҳоди Шуравӣ "Барои комёбиҳои шоёни корӣ", "Аълочии мактабҳои олии СССР" ва Ифтихорномаҳои ҳукуматӣ ва соҳавӣ сазовор гардидааст.

Дотсент Ҳукуматов А. И. ба нафақа баромада бошад ҳам (ба синни мубораки 89 расидааст), ба ҳайси олим-мушовир то ҳоло дар лабораторияи махсуси аводшиносӣ - радиатсионии факултети физика ва Институти илмию тадқиқотии ДМТ фаъолият карда, роҳнамои олимони ҷавон аст. Ӯ то ҳанӯз робитаҳои илмии худро бо марказҳои илмии пешқадам ва пешоҳангони илму техникаи Федератсияи Русия, хусусан бо донишгоҳҳои шаҳри Санкт-Петербург ва шаҳри Москва нигоҳ медорад.

Устод яке аз шахсиятҳои нақибе мебошад, ки дорои сифатҳои хуби инсонӣ аст. Меҳнатдӯстӣ, дурандешӣ, хирадмандӣ, ҳалимию меҳрубонӣ, хайрхоҳӣ, серталабӣ нисбат ба худу шогирдон, хоксорию зиндадилӣ бархе аз хислатҳои хоси вай мебошанд. Марҳилаҳои зиндагӣ ва пажӯҳишҳои ӯ худ таҷассумгари ҳаёти пурбаракати ӯст ва қобили пайравӣ аст. Маҳз пирони барнодилу рӯзгордида барои ҷавонон намунаи ибратанд ва устод Аваз Ҳукуматов яке аз онҳо мебошад.

Имрӯз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо доштани чунин устодон ба монанди Ҳукуматов А. И. ифтихор мекунад, чунки онҳо дар баробари илму дониш додан ба донишҷӯён, онҳоро дар рӯҳияи садоқату вафодорӣ ба Ватану миллат тарбия менамоянд.

Даҳҳо шогирдони устод, ба монанди профессорҳо Абдуллоев С. Ф. Холмуродов Х. Т., Ш. Расулов, А. Ҷураев, Н. Қосимов, Н. Меникулов, ки чанде доктори илм ва дигарон номзадҳои илми физика ва математика, муаллимон дар мактабҳои олию миёна мебошанд, барои тарбияи насли наврас хизмат мекунанд.

Устод А. Ҳукуматов фарзандони бофарҳангу бофаросатро тарбия намудааст. Писарашон - Равшан, полковники КДАМ ҶТ, духтарашон Саодат, корманди масъули Бонки миллӣ мебошанд.

Мо, шогирдон самимона ба устоди азизамон Аваз Ҳукуматов рӯзгори нек, саломатии бардавом, дарозумрӣ ва офияти зиндагиро орзумандем.

Аз номи шогирдон,
Сабур Абдуллозода,
доктори илмҳои физика ва математика,
Ш. Расулов ва А. Ҷураев, номзадҳои илмҳои физика ва математика,
Раҷабалӣ Маҳмадалиев,
генерал-майор,
собиқадори КДАМ ҶТ

МАВЛУДНОМА

18 ДЕКАБР

Саид Аҳмадов (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Зинаида Блидарёва (1925), 100-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Содиқ Муродов (1950), 75-солагии зодрӯзи киноактёр.

19 ДЕКАБР

Садорат Абдуқодирова (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Алиқул Имомов 1910-1988), 115-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Гавҳар Мухторова (1935), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

Аъзам Сафаров (1920-1987), 105-солагии зодрӯзи файласуф.

20 ДЕКАБР

Ғулом Алиев (1915-2009), 110-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Нозир Арабзода (1940-2004), 85-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Сафармуҳаммад Айюбӣ (1945-2011), 80-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Назаршо Додихудоев (1915-2000), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Ҳомид Мансуров (1925-2013), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Ӯлмасой Мухторова (1935), 90-солагии зодрӯзи журналист.

21 ДЕКАБР

Клавдия Горшкова (1920-2003), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Шариф Ҷалилов (1935-2016), 90-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

22 ДЕКАБР

Саодат Баситова (1920-2001), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия, профессор.

Ғиёс Бариев (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

Икром Комилов (1945), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

23 ДЕКАБР

Вера Писаренко (1905-1985), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Наталия Попова (1925), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

24 ДЕКАБР

Юрий Пӯлодов (1940), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

Александр Сучков (1905-1979), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шиносномаи техникӣ, шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ ва шартномаи ҳадя ба номи Каюмов Сино Тоҳирович, сокини ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯч. К. Раҳимов, гузаргоҳи 5, хонаи 68, бинобар гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0941733, ба номи Акобиров Исо Баҳриддинович, ки соли 2021 аз ҷониби МТМУ №52-и ноҳияи Шоҳмансур (собиқ №20) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникии ҳавлӣ ба номи Бобоева Ашӯрҷон, РИЭ/1 6913, таҳти рақами 070003670, воқеъ дар суроғаи н. Рӯдакӣ (Ленин) ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Очамайлӣ, ки зимни барӯйхатгирӣ моҳи августи соли 2001 таҳти рақами 007/38160 ба қайд гирифта шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03195157, аз санаи 06.02.2020 ба номи Бадалова Руҳангиз Эргашевна, ки аз ШШМ ШВКД-1 дар ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Ш-155, аз 19.01.2011, ба номи Сайфудинова Саёҳат Қудратуллоевна, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов 55/4, ҳ. 65, ки дар нотариуси калони Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, рақами қайд №2838/17, аз 13.03.2017, ба номи Бегов Неъматулло Баҳруллоевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Қиблай, деҳаи Қиблай, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Саломов Пайрав, РЯМ: 0730149888, РМА: 075254979, ки аз 06.05.2017 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Билети донишҷӯ ба номи Ҳакимов Сунатулло Зиёдуллоевич, ки соли 2025 аз ҷониби Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Муминов Раҳимҷон, РЯМ: 0730221140, РМА: 165124567, ки аз 24.02.2022 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №7588, ба номи Гурезова Шаҳло Карорматуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш, хонаи 24, ҳ. 46, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Диплом ба номи Нарзуллоев Шахром Карорматуллоевич, ки соли 2017 аз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ, А00940379, ба номи Баҳодурова Мавлуда Наврузовна, ки санаи 10.05.2017 аз ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Кассовый аппарат, АМА PI 6060204, РМА:037889709, ба номи Эльбеков Меъроч Маъруфович, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Қаюмов Саид, ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзоб-қалъа, деҳаи Варзоб, 16.10.1979 с., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 9, силсилаи Т-АТА, №О681276, ки ба Ибрагимова Зумрад аз 05.06.2018 аз ҷониби МТМУ №1-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Комилова Шарофат Урозалиевна, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Зайнабобод, деҳаи Тоҷикобод, бӯстонсарои 10, соли 2011, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Сайфудинова Саёҳат Қудратуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов 55/4, ҳ. 65, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи РЯМ: 2030013343, РМА: 205043164, санаи бақайдгирӣ 23.07.2010, ки аз хоҷагии деҳқонии роҳбараш Неъматов Абдуҷаббор Валиевич дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Одинаева Муборак Одинаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 27/1, ҳ. 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Каримов Сорбон Буриевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 113/1, ҳ. 30, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Кайюмов Тухтабой, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ 3/5, ҳ. 15-16, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 11 ба номи Нарзуллоев Шахром Карорматуллоевич, ки соли 2012 аз МТМУ №54-и ноҳияи Сино дода шудааанаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

►ҶДММ "Меҳрзоди Ҳукматзод", №0309869, РЯМ: 0310007629, РМА: 030011591, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Ошхонаи Шарафчон", №0268774, РЯМ: 0410041235, РМА: 040063683, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ “Неру Алтернатив", №0309704, РЯМ: 0410046322, РМА: 040069249, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул кабул карда мешаванд.

►ҶДММ «Пайком», РЯМ: 3310003364, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад.

►Кооперативи тиҷоратии “Шерали.Ю”, РЯМ: 3310007544, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад.

►ҶДММ "Шандиз", №0020296, РЯМ: 0910001446, РМА: 090007290, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Кооперативи тиҷоратии "Муродулло", РЯМ: 0710002517, РМА: 070006463, ки аз 16.04.2010 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

PRESSA.TJ ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

БОКС

ЯК НУҚРА ВА ЯК БИРИНҶИИ МУШТЗАНҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

Дар Чемпионати ҷаҳонии бокс-2025, ки дар шаҳри Дубайи АМА баргузор шуд, Тоҷикистонро 13 варзишгар намояндагӣ карданд ва ду нишон ба даст оварданд.



Мусобиқа аз 2 то 13-уми декабр миёни беҳтарин муштзанҳои беш аз 120 кишвари дунё дар 13 вазн, бо ҳазинаи ҷоизавии 8,32 миллион доллар баргузор шуд.

Аз Тоҷикистон Акмал Убайдов дар вазни 60 кг нишони биринҷӣ ва Хусравхон Раҳимов дар вазни 57 кг нишони нуқра гирифтанд. Нишони нуқраи Хусравхон Раҳимов аввалин дастоварди шоиста дар таърихи бокси тоҷик гуфта мешавад.

Аз ҳисоби маҷмуи нишонҳо муштзанҳои Русия бо 13 нишон (7 тило, 5 нуқра, 1 биринҷӣ) дар зинаи аввал қарор гирифтанд. Дар зинаи дуюм бо ҷамъи 6 нишон (3 тило, 1 нуқра, 2 биринҷӣ) Қазоқистон ҷой гирифт. Ӯзбекистон бо ҷамъи 9 нишон (2 тило, 4 нуқра, 3 биринҷӣ) дар зинаи сеюм мавқеъ гирифт. Дар зинаи чорум Озарбойҷон бо ҷамъи 3 нишон (1 тилло, 2 биринҷӣ) ҷой гирифт. Панҷгонаи беҳтаринҳоро Тоҷикистон ва Қирғизистон бо ҷамъи нишонҳои якхелаи 2 (1 нуқра, 1 биринҷӣ) пур карданд.

Ин бузургтарин чемпионат дар таърихи бокси ҷаҳон буд, зеро ба қаҳрамонони ҳар вазн 300 ҳазор доллар, ба ҷоизадорони ҷойи дуюм 150 ҳазор доллар, ба ҷойи сеюм 75 ҳазор доллар, барои ҷойи 5-ум бошад, 10 ҳазор доллар ҷоизапулӣ тақдим карда шуд. Аз ин маблағ 50% ба муштзанҳо, 25% ба мураббӣ ва 25% ба Федератсияи бокси кишвари ғолибон дода шуд.

ШОМИ БОКС

БАҲОДУР УСМОНОВ ТАЛАБГОРИ АСОСИИ УНВОНИ ЧЕМПИОНӢ ШУД

Дар Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб мусобиқаи “Шоми бокс” таҳти унвони IBA Pro 13 баргузор шуд, ки яке аз рақобатҳои марказии он майдондории муштзани номвари тоҷик Баҳодур Усмонов буд.



Баҳодур Усмонов (12-0-0) дар рақобати талабгори унвон дар “WBA Lightweight Title Eliminator” бар намояндаи Британиё Макси Хюз (24-8-2) пирӯз шуд. Пас аз анҷоми ҳамаи раундҳо, доварони рақобат бо қарори худ ғалабаро ба фоидаи Баҳодур Усмонов эълон карданд. Ин пирӯзӣ рекорди касбии ӯро то 12 рақобат бидуни бохт наздик кард. Акнун Усмонов барои ба даст оврдани унвони чемпиони ҷаҳон дар вазни сабук (WBA) талабгори асосӣ аст.

Пештар аз ин Баҳодур Усмонов дар Душанбе намояндаи Камерун Кристофер Муафоро (бо қарори доварон - 11-2) мағлуб карда, унвони қаҳрамонии «IBA.PRO Intercontinental»-ро ҳимоя карда буд. Аз ин пеш бошад, дар муборизаи 10-раундӣ бар Алберт Пагара (35-2, KO 24) аз Филиппин ғалаба карда, камарбанди қаҳрамонии WBA Gold дар вазни сабукро соҳиб шуда буд.

ФУТЗАЛ

ДАСТАИ “СИПАР” БАРАНДАИ ҶОМИ ТОҶИКИСТОН-2025 ШУД

Дастаи “Сипар”-и шаҳри Хуҷанд бо роҳбарии Сергей Коридзеи украинӣ Ҷоми Тоҷикистон оид ба футзалро дар соли 2025 ба даст оварад.

Дар финал, ки 10-уми декабр дар Маҷмааи варзишии Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, бошгоҳи “Сипар” дастаи “Соро компания”-и Душанберо бо ҳисоби 3:2 шикаст дод. Голҳои “Сипар”-ро Леонардо Корреа Леме, Виера Де Са Фелипе ва Агналдо Эдуардо заданд. Аз ҳайати “Соро компания” Реналдо Ренни дубл намуд.

Виера Де Са Фелипе аз “Сипар” беҳтарин бозигари бозии ниҳоӣ дониста шуд.

Ёдовар мешавем, ки "Соро компания" соҳиби бештари Ҷоми Тоҷикистон дар таърихи футзали кишвар мебошад. Қаблан дастаи "Соро компания" солҳои 2020, 2021, 2022, 2023 ва 2024 соҳиби ин ҷоиза гардида буд. Бошгоҳи “Соро компания” аввалин бор дар таърихи хеш дар финали Ҷоми Тоҷикистон мағлуб гардид.



КУШТӢ

ҒОЛИБОНИ ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН-2025 ДАР ДУШАНБЕ

Дар Душанбе Чемпионати куштии тарзи озоди Тоҷикистон-2025 баргузор шуд. Паҳлавонон дар 10 вазн - аз -57 кг то -125 кг ширкат карданд.

Дар вазни -57 кг Айаал Белолюбский, Ҳусейн Маликов, Далер Дустонбоев, Фитрат Сатторзода; вазни -61 кг Қаюм Ҳалимов, Ёқуб Ибронов, Шамсиддин Ибодов, Иброҳим Ёров, вазни -65 кг Абдулмачид Кудиев, Довуд Ибронов, Самӣ Одинаев, Баҳодур Қаюмов; вазни -70 кг Мустафо Аҳмадов, Алиҷон Шеров, Ҳаким Ғоибзода, Фотеҳҷон Олимов; вазни -74 кг Муҳаммадамин Абдуллоев, Аюб Бозорзода, Мехроб Асоев, Усомаҷон Холов; вазни -79 кг Сомонҷон Икромов, Рауф Саидов, Бехрӯз Боқиев, Хизрулло Беков; вазни -86 кг Салимҷон Ҳалимзода, Оятулло Садуров, Абдубашир Бобохонов, Оятулло Муминов;



вазни -92 кг Исмоил Картоев, Баҳодур Қодиров, Ҷаҳонгир Оқилов, Юсуф Ҷамшедзода; вазни -97 кг Раҳмон Маҳмадбеков, Анвар Ҳасанов, Манучеҳр Бобоҷонов, Шоҳмурод Зоҳидов; вазни -125 кг Фарҳод Анақулов, Ашуралӣ Файззода, Алибахш Алиназаров ва Комрон Маҳмадализода ҷойҳои ифтихориро ба даст оварданд.

РЕЗААХБОР



Дастаи футболи “Сардор”-и шаҳри Турсунзода, ки дар Лигаи якуми футболи Тоҷикистон-2025 ҷойи дуюмро гирифт, дар бозиҳои гузаришӣ дастаи “Ҳулбук”-и ноҳияи Восеъро мағлуб карда, ба мавсими ояндаи Лигаи олии футболи Тоҷикистон роҳ ёфт. Пирӯзӣ дар бозиҳои гузаришӣ боиси натиҷаи таърихӣ барои “Сардор” гардид. Ин даста соли 2022 таъсис ёфтааст ва бори аввал дар таърихи худ дар Лигаи олии Тоҷикистон баромад хоҳад кард.

***

Аз 21-уми декабри соли 2025 Ҷоми футболи миллатҳои Африқо оғоз мешавад, ки то 18-уми январи соли 2026 идома хоҳад кард. Ин мавсими 35-умин мусобиқа аст ва дар кишвари Марокаш баргузор мегардад. 24 дастаи мунтахаби қораи Африқо дар мусобиқа иштирок мекунанд. Дастаи мунтахаби Кот-д'Ивуар чемпиони феълии мусобиқа аст.

***

Дар Бозиҳои паралимпии 5-уми Осиё байни наврасон дар шаҳри Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб варзишгарони тоҷик 1 нишони тило ва 3 нишони нуқра ба даст оварданд. Дар Бозиҳои паралимпии Осиё 1 500 варзишгар аз 35 кишвар ширкат доранд. Тоҷикистонро 6 варзишгар дар ду намуд - вазнабардорӣ ва дастхобонӣ муаррифӣ мекунанд. Нишони тилоро дар вазни 65 кг Аҳмади Фатҳидин дар намуди вазнабардорӣ соҳиб шуд. Ӯ бо бардоштани 135 кг на танҳо пирӯз гашт, балки рекорди ҷаҳонӣ низ гузошт. Нишони нуқраро дар вазни 49 кг Мизробиддин Олимов бо бардоштани 110 кг ба даст оварад.

***

FIFA охирин рейтинги дастаҳои миллии футзалро нашр кард. Дастаи Тоҷикистон мавсими соли 2025-ро дар ҷои 47-ум ба анҷом расонд. Дар муқоиса бо рейтинги қаблӣ, дастаи мардонаи Тоҷикистон як зина поин рафта, ҳоло 1064.13 хол дорад. Дастаи Тоҷикистон аз дастаҳои Олмон, Перу, Либия, Австралия, Латвия, Озарбойҷон ва дигарон пеш аст. Ба даҳгонаи беҳтарин Бразилия, Португалия, Испания, Аргентина, Эрон, Марокаш, Русия, Украина, Қазоқистон, Фаронса шомиланд.



МАҶБУР

Аз марде пурсиданд:
- Фарқи марди муҷаррад аз зандор дар чист?
Мард гуфт:
- Муҷаррад ҳама корҳои хонаро худаш мекунад.
Боз пурсиданд:
- Зандор чӣ?
Мард гуфт:
- Зандорро занаш маҷбур мекунад, ки кор кунад.

КОРИ ШАБ

Аз марде пурсиданд:
- Комилҷон, чанд фарзанд дорӣ?
Комил дар ҷавоб:
- Худоро шукр, 12-то.
Боз пурсиданд:
- Душвор нест магар?
Комил мегӯяд:
- Кори шаб - хандаи рӯз.

САРИ ЛУЧ

Зан ба шавҳараш мегӯяд:
- Э мардак, о дар ин барфу борону шамол барои чӣ сари луб-луч дар кӯча мегардӣ? Саратро хунук мезанад охир, чаро телпак напӯшидӣ?
Шавҳар дар ҷавоб:
- Кампир, доду фарёд накун, саре, ки дар 80 рафта, олим нашуд, академик нашуд, профессор нашуд, шоир нашуд, агроном нашуд, мон, ки сармояш занад!

ҲАЙРАТИ КӮДАК

Модар тифлакашро ором мекунонад. Духтарчаи панҷсолааш дар ин асно аз модар мепурсад:
- Оча, барои чӣ ӯ гиря мекунад?
Модар мегӯяд:
- Намедонам, шояд ягон ҷояш дард мекунад.
Духтарак ба ҳайрат омада:
- Куҷояш дард мекунад? Охир, ҳама ҷояш наппа нав аст ку!

ЧӢ ХӮРАМ?

Наврасе бори аввал хост, ки рӯза бигирад. То фаро расидани шом вақти кам монда буд, вале ӯ дигар тоқат карда натавонист. Бо ҳар баҳона рӯзаашро хӯрдан мехосту ба торҳои асаби падараш нохун мезад.
- Дада, шоколад хӯрам, рӯзаам мешиканад?
- Бале...
- Оби газнок нӯшам чӣ?
- Мешиканад...
- Чӣ хӯрам, ки рӯзаам нашиканад?
Падар бо қаҳр:
- Калтак!

СУНЪӢ

Омӯзгор дар рафти дарс аз толибилмон мепурсад:
- Кадом дандони инсон аз ҳама охир мебарояд?
Яке аз толибилмон:
- Дандони сунъӣ.

САМТ

Омӯзгори Донишгоҳи тиббӣ аз донишҷӯ суол мекунад:
- Чаро ҳаби гирдшаклро фурӯ бурдан душвортар аст, назар ба ҳаби дарозрӯя?
Донишҷӯ:
- Барои он ки ҳабҳои дарозрӯя медонанд ба кадом самт ҳаракат кунанд. Ҳабҳои гирд бошанд, ҳеҷ самти худро муайян карда наметавонанд.

ДУШМАН

Бонуе назди равоншинос рафта, мепурсад:
- Аз душманонам чӣ гуна халос шавам?
Равоншинос:
- Шоду масрур зиндагӣ кунед, душманонро мекушед.

МУАЛЛИМ

Омӯзгор аз толибилмон мепурсад:
- Нафаре, ки бе ист гап мезанаду ӯро касе гӯш намекунад, чӣ ном дорад?
Дар синф хомӯшӣ ҳукмфармо мегардад. Яке аз толибилмон мегӯяд:
- Ин нафар муаллим аст!

ПАРЧАМ

Духтаре аз дӯстдоштааш мепурсад:
- Ғолибҷон, росташро гӯед, то вохӯрӣ бо ман касеро бӯсидаед?
Ҷавон:
- Бале.
Духтар:
- Росташро гӯед, киро?
Ҷавон:
- Ин дар аскарӣ буд. Бори аввал парчамро бӯсида будам!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

